Барномаи Иттиҳоди Аврупо «Дастгоҳи Аврупо барои рушди демократия ва ҳуқуқи инсон» дар Тоҷикистон

# ДАСТУРАМАЛ

## «ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ ВА ИМТИЁЗҲО БАРОИ ШАХСОНИ АЗ МАҲБАС ОЗОДГАШТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

Лоиҳа аз тарафи DVV International амалӣ мегардад

# ДАСТУРАМАЛ

## «ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ ВА ИМТИЁЗҲО БАРОИ ҲУҚУҚИ ШАХСОНИ ПАС АЗ АДОИ ҶАЗО ОЗОДГАШТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

Душанбе 2017

ТКБ: 66.3(2)6 +67.99 (2тоҷик)
Д:-26

Дастурамали «Хизматрасонии иҷтимоӣ ва имтиёзҳо барои шахсони, ки пас аз адои ҷазо озод гаштаанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои шахсоне, пас аз адои ҷазо озодгашта мазкур ки ба хизматрасониҳои тиббӣ, иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа ниёз доранд, пешбинӣ гардидааст. Ҳамчунин, дар Дастурамал маълумот дар бораи қарзҳои имтиёзнок ва грантҳо барои ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ ва қарзҳои имтиёзнок ба манзил манзур карда шудааст.

Дастурамал аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи «Ҳимояи ҳуқуқи маҳкумшудагон ва шахсони аз маҳбас озодгашта дар Тоҷикистон» омода карда шуда, бо кумаки молиявии Иттиҳоди Аврупо ба нашр расидааст.

Мундариҷаи нашрия мояи масъулияти муаллиф буда, ифодагари нуқтаи назари Иттиҳоди Аврупо намебошад.

Мураттиб: Моҳира Усмонова

Теъдод: 1000 нусха
Ройгон паҳн карда мешавад

Иттиҳоди Аврупо аз 28 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва тақдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 50 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушди бардавомро бунёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои берун аз сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушди мамлакат тақрибан 35 млн. евро фароҳам менамояд.

# РӮИХАТИ ИХТИСОРОТ:

НБА – нерӯгоҳи барқи атомӣ

ВНМО– вируси норасоии масунияти одам

КЭТМ – комиссияи экпертизаи тиббӣ – меҳнатӣ

ХДЭТИ – Хадамоти давлатии экспертизаи тиббӣ – иҷтимоӣ

НБО - неругоҳи барқи обӣ

КМГ – Кодекси мурофиавии граждани

РМА – рақами мушаххаси андозсупоранда

КТ – Кодекси тандурустӣ

ОбоВНМОЗ – одамони бо ВНМО зиндагикунанда

ШдМ – шахсони дорои маъюбӣ

ҲА – ҳақиаъзогии аввалия

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

АНМБ – аломоти норасогии масунияти бадан

КҶ – Кодекси ҷиноятӣ

ДУ – дараҷаи уҳдадорӣ

# МУНДАРИҶА:

РӮИХАТИ ИХТИСОРОТ:............................................. 4
САРСУХАН............................................................. 7
I. ТАНДУРУСТӢ ................................................ 9
1.1 Қонунгузорӣ................................................ 9
1.2 Шахсони бо ВНМО зиндагикунанда (ОбоВНМОЗ)............................................... 9
1.3 Сил ............................................................ 26
1.4 Расонидани кӯмаки тиббӣ – иҷтимоӣ ба беморони бемориҳои наркологӣ...................... 37
II. ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ ......... 42
2.1 Хизматрасонии иҷтимоӣ.............................. 42
2.2 Маъюбӣ ........................................................ 49
III. ТАЪМИНОТИ НАФАҚА ........................ 60
3.1 Масъалаҳои умумӣ ...................................... 60
3.2 Нафақа вобаста ба маъюбият..................... 64
3.3 Нафақа вобаста ба аз даст додани саробон 72
IV. ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶТ. ҚАРЗҲОИ ИМТИЁЗНОК................................ 76
4.1 Соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...... 76
4.2 Патент ва Шаҳодатнома барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ....................... 82
4.3 Қарҳои имтиёзнок, ки аз ҷониби Агентии меҳнат ва шугли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.............................................................. 87
V. ГРАНТҲО БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ............................................... 91
5.1 Ҳаҷм ва тартиби гирифтани грант ............. 91
5.2 Таърихи бобарор ......................................... 91

VI. ҚАРЗҲОИ ИМТИЁЗНОК БАРОИ МАНЗИЛ....................................................99
6.1 Асосҳои қонунгузории қарзҳои имтиёзнок барои манзил (қарздиҳӣ бо байъи ҷоиз (ипотекӣ)........................................................99
ЗАМИМАҲО ....................................................102
ЗАМИМАИ 1. Ариза барои гирифтани роҳхат ба табобати санаторӣ – осоишгоҳӣ. Замимаи 1 ба Тартиби таъминоти маъюбон ба табобати санаторӣ – осоишгоҳӣ. ....................................102
ЗАМИМАИ 2. Ариза барои гирифтани кӯмаки молиявӣ ва намунаи нақшаи тиҷоратӣ...........104
ЗАМИМАИ 3. Намунаи ариза барои иштирок дар озмуни грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирӣ ва рушди соҳибкории занон барои солҳои 2016-2020.....107
ЗАМИМАИ 4. Хизматрасонӣ вобаста ба қарздиҳии ипотекӣ барои харидории манзил аз ҷониби баъзе аз бонкҳои Тоҷикистон. (Бонки якуми қарзии хурди Тоҷикистон) Мақсад......110
Қарзҳо барои сохтмон/васеъ намудани манзил ....................................................................113
Қарзҳои ипотекӣ аз ҶПА "Бонки рушди Тоҷикистон" ....................................................116
ЗАМИМА 5. Сурогаи қабулгоҳҳои ҳуқуқии ройгони ташкилотҳои ҷамъиятии «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният”:................125
ЗАМИМАИ 6. Сурогаҳои хадамоти шуғли аҳолӣ (шуъбаҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ) дар маҳалҳо:..........................................126
МАВОДҲОИ ИСТИФОДАШУДА:..............130

# САРСУХАН

***«Ҷамъияти инсонӣ қасд намегирад, он шафқат, тараҳҳум, таҳаммул ва хушмуомилагиро изҳор менамояд. Чунин ҷамъият дар худ бо эътирофи мавҷудияти собиқ ҷинояткорон – «будан» (ту низ инсонӣ, дар паҳлӯи мо зиндагӣ кун) маҳдуд намешавад, балки ҳуқуқҳои онҳоро – «доштан» (ту ҳам чунин инсонӣ, дар шафати мо зиндагонӣ кун) эътироф менамояд.[1]***

Дастурамали «Хизматрасонии иҷтимоӣ ва имтиёзҳо барои шахсоне, ки пас аз ҷазо озод гаштаанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои шахсоне, ки пас аз ҷазо озод гаштаанд ва дигар мақомоту ташкилотҳои манфиатдор пешбинӣ гардидааст.

Дастурамал аз шаш фасл иборат буда, дар он масъалаҳои тандурустӣ, расонидани хизматҳои иҷтимоӣ, таъминоти нафақа, ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ ва қарзгирӣ тариқи байъи ҷоиз

---

[1] Матскевич Ирина, эксперти миллӣ, рӯнамоии «Азнавиҷтимоишавӣ ҳамчун раванди асосии иҷтимоӣ –равонии давраи ислоҳӣ», с. 2017.

(ипотекӣ) барои манзил ворид карда шудаанд.

Дар охири дастурамал Шумо замимаҳо, ки дар онҳо мазмуни намунаҳои ҳуҷҷатҳо барои мурочиат ба ин ва ё он мақомоти давлатӣ, барои мисол, намунаи ариза барои дастрас намудани роҳхат ҷиҳати гирифтани табобати санаторию курортӣ, намунаи накшаи тиҷоратӣ ҷиҳати гирифтани грант барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоро дарёб менамоед.

Умед бар он менамоем, ки Дастурамали мазкур барои Шумо манфиатовар буда, раванди истифода аз хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва дигар намуди хизматрасониҳоро ба Шумо осон менамояд.

# I. ТАНДУРУСТӢ

### *1.1 Қонунгузорӣ*

Дар моҳи майи соли 2016 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки пас аз ҳукми қонунӣ гирифтани он 16 Қонуни миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қаблан муносибатҳои ҳуқуқии алоқаманд бо саломатии аҳолиро ба танзим медароварданд, қувваи худро гум намуданд. Масалан, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо вируси норасоии масунияти одам», «Дар бораи кӯмаки наркологӣ», «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ аз сил» ва як қатор қонунҳои дигар.

Меъёрҳое, ки қаблан қонунҳои мазкурро ба танзим медароварданд, ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуданд.

### *1.2 Шахсони бо ВНМО зиндагикунанда (ОбоВНМОЗ)*

*Қонунгузории* Ҷумҳурии Тоҷикистон *табъиз ва маҳдудияти ҳуқуқҳои шахсони бо ВНМО зиндагикунандаро манъ намудааст.*

*Маҳдудияти ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони гирифтори ВНМО/АНМБ танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони дигар мумкин аст, ҳаққонӣ бошад.*[2]

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳбусон дар баробари гурӯҳҳои дигари аҳолӣ ба гурӯҳи осебпазири бештар ба таваккали дучор шудан ба бемориҳои сил ва вируси норасоии масунияти одам мансуб шудаанд.[3]

Маҳбусон ва боздоштшудагон ба гузаштан аз санҷиши ройгони махфӣ барои вируси норасоии масунияти одам ва ба машварат дар асоси розигӣ ба маълумот ва ҳамчунин, барои маълумот дар бораи вазъи саломатӣ ҳуқуқ доранд. Маълумот дар бораи вазъи саломатӣ бояд дар ҷузвдонҳое нигоҳдорӣ карда шаванд, ки танҳо барои ҳайати тиббӣ дастрас ва танҳо бо розигии маҳбусон ё ҳангоми зарурати таъмини бехатарии дигар маҳбусон ва ҳайати маҳбасхона ифшо карда мешаванд. Табъизи маҳбусони

---

[2] Моддаи 165 Кодекси тандурустии (КТ) ҶТ
[3] Моддаи 1 КТ ҶТ

дорои вируси норасоии масунияти одам манъ аст.[4]

Агар одам ба ВНМО ё бемории сил то бинои ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ, ё ин ки дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ гирифтор шуда бошад, он вақт пас аз озод шудан ба ӯ хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва тиббии алоқаманд бо ин бемориҳо расонидан зарур аст.

## Муоина ва табобат

Шахсони бемори бемориҳои сил, ВНМО/АНМБ, олоти таносул ва дигар бемориҳои хатарнок вазифадоранд, ки тибқи талаби ташкилотҳои тиббӣ аз муоинаи тиббӣ ва табобат гузаранд. Дар ҳолати саркашӣ намудан аз муоинаи тиббӣ ва табобат, онҳо ба ташхис ва табобати маҷбӯрӣ дучор мешаванд.[5]

Ташхиси тиббӣ бо истисноии баъзе ҳолатҳо ихтиёрӣ ва махфӣ гузаронида мешавад.

Ба ташхиси тиббии ҳатмӣ донорони хун, моеъоти биологӣ, аъзо ва бофтаҳо дохил мешаванд. Дар ҳолати рад намудан, ин

[4] Моддаи 166 КТ ҶТ
[5] Моддаи 53 КТ ҶТ

шахсон наметавонанд донорони хун, моеъоти биологӣ, аъзо ва бофтаҳо бошанд.

Ба ташхиси тиббии ҳатмии махфӣ вобаста ба мубтало шудан ба вируси норасоии масунияти одам аз рӯи нишондиҳандаҳои эпидемиологӣ шахсони алоҳида дохил мешаванд.[6]

Ҳамин тариқ, аз рӯи нишондиҳандаҳои эпидемиологӣ (бе розигӣ) шахсоне дучор мешаванд, ки бо паҳнкунандагони ВНМО ва беморони АНМБ муносибатҳои зерин доранд: шарикӣ дар алоқаи ҷинсӣ, шарикон вобаста ба истеъмоли якҷояи маводи мухаддири муоличавӣ, волидайни мубталошуда бо ВНМО – и кӯдакон. Ҳамчунин, ба нишондиҳандаҳои эпидемиологӣ авҷ гирифтани сироятшавии дохилитабобатгоҳи ба ВНМО ва шахсоне, ки дар вақти авҷгирии сироятшавӣ дар беморхона ҷойгир шуда, муоинаи тиббиро бо лавозимоте, ки мумкин аст аз ВНМО сироят ёфта бошад (хунгузаронӣ, тазриқ, ҷарроҳӣ ва м.и.), мегиранд ва инчунин барои муоина намудан аз ВНМО мегузаранд, мансуб мебошад.

---

[6] Моддаи 161 КТ ҶТ

Маълумоти натиҷаҳо оид ба мавҷудияти сироятёбӣ ба ВНМО бояд шахсан пешниҳод карда шавад. Тавассути телефон роҷеъ ба ташхис хабар додан манъ аст.

*Қонунгузории Тоҷикистон барои саркашӣ намудан аз муоинаи ҳатмии тиббӣ ва табобати табобатгоҳӣ аз сирояти ВНМО ва дигар бемориҳои сироятиро аз 500 то 1000 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ пешбинӣ кардааст.* [7]

Маълумоти дастрасгардида дар бораи сироятёбӣ ба ВНМО махфӣ мебошад (сирри табибӣ). Чунин намуди маълумот тибқи дархости мақомоти тандурустӣ дар асоси қарори суд ё вобаста ба дархости мақомоти тафтишотӣ, агар он ба манфиати ҳифзи саломатии аҳолӣ ва бо мақсади паҳн нагаштани бемориҳои сироятӣ бошад, пешниҳод карда мешавад. Истифодаи ин намуди маълумотҳо бо мақсади таъқиби маъмурӣ – ҷиноии шахсон ба истиснои ҳолатҳои

[7] Моддаи 119 Кодекси ҶТ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст.[8]

***Ҳуқуқҳои шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ва аломоти пайдошудаи норасогии масунияти бадан[9]:***

- муносибати инсондӯстонаи ҷамъият, бо истиснои паст задани шаъну шарафи инсонӣ;
- талаби махфӣ ҳифз намудани маълумот дар бораи вазъи саломатии худ, агар шароит ва хусусиятҳои хоси ҳаёт ва меҳнати онҳо барои сироят наёфтани шахсони дигар ба вируси норасоии масунияти одам таҳдид намояд;
- ҷуброни зарари моддӣ ва маънавии алоқаманд бо ошкор намудани маълумот дар бораи далели сироятёбии ин шахсон ба вируси норасоии масунияти одам;
- фаъолияти касбӣ аз рӯи касби интихобкардашуда, ба истиснои кор аз рӯи тахассусҳо ва мансабҳое, ки

---

[8] Моддаи 162 КТ ҶТ
[9] Моддаи 163 КТ ҶТ

тибқи номгӯи махсус муқаррар карда шудааст;

- дастрасии ройгон ба ҳама намудҳои кӯмакҳои тиббии тахассусӣ ва махсусгардонидашуда, аз ҷумла, доруворӣ дар ташкилотҳои давлатии тандурустӣ;
- ҳифз аз табъиз, аз он ҷумла ҳангоми дастрасӣ ба табобат;
- иштироки фаъолона бо мақсади муайян намудани табобат, аз ҷумла вақт ва усули табобат ва ҳамчунин қатъ намудани он;
- бо мақсади минбаъд паст намудани сатҳи таваккали сироятёбӣ ба вируси норасоии масунияти одам, гирифтани кӯдакон аз волидайн ё намояндаи қонунии аз модарони сироятёфтаи ВНМО таваллудшуда, ивазкунандаи шири сина аз вақти таваллуд то вақти муқаррар гардидани ташхиси ниҳоии онҳо оид ба мавҷуд будани вируси норасоии масунияти одам.
- анҷом додани ҳама намуди амалҳои ошкоро бо мақсади барангехтани

ҳисси бадбинӣ ва паҳн намудани муносибатҳои бадбинона ба шахсон ё гурӯҳҳои аҳолӣ дар асоси далел ё фарзияҳои барандаи ВНМО манъ аст.[10]

- *Донистан муҳим аст, ки ба кӯдакони синну солашон то 16 – солаи сироятёфтаи ВНМО ё беморони бемории* АНМБ *кӯмакпулии ҳармоҳаи давлатӣ дар ҳаҷми ҳафткаратаи нишондиҳандаҳо барои ҳисобҳо таъин карда мешавад.[11] Дар соли 2017 кӯмакпулӣ дар як моҳ 350 сомониро ташкил медиҳад.[12]*
- *Дар қабул ба ташкилотҳои тандурустӣ ва расонидани кӯмаки таъҷилӣ ба шахсони сироятёфтаи ВНМО ё беморони бемории* АНМБ *роҳ дода намешавад.*

---

[10] Моддаи 165 КТ ҶТ

[11] Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 майи соли 2010, №232 «Дар бораи тасдиқи Тартиби таъин ва пардохти кӯмакпулиҳои давлатӣ ба кӯдакони синну солашон то 16 – солаи сироятёфтаи вируси масунияти одам ё аломоти бемории пайдошудаи норасоии масуният» (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.06 соли 2013, № 262, 04.10 соли 2013, № 459.

[12] Қисми 4 моддаи 168 КТ ҶТ

- *Озод кардан аз кор, рад намудан ҳангоми қабул ба кор ба шахсони сироятёфтаи ВНМО (ба ғайр аз корҳои дар рӯйхати махсус, ки дар поён оварда мешавад) ва ҳамчунин маҳдуд кардани дигар намуди ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии одамони бо ВНМО* зиндагикунанда *иҷозат дода намешавад.*
- *Маҳдудият дар ҳуқуқҳо ба манзил ва дигар намуди ҳуқуқҳо ва манфиатҳои ҳуқуқии аъзоёни оилаи одамони бо ВНМО зиндагикунанда манъ мебошад.*

Вазоратҳо, идораҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, ки тибқи тартиби муқарраргардида дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, ҳангоми қабул ба кор аз кормандон ва шаҳрвандон пешниҳоди хулосаи тиббиро (сертификат) дар бораи ташхис барои ифшои ВНМО талаб намоянд, агар чунин талабот дар Қоидаҳо пешниҳод нагардида бошад.[13]

---

[13] Банди 30 Тартиби муоинаи тиббӣ бо мақсади муайян намудани сироятёбӣ аз вируси масунияти одам, ки

***Дар зер Номгӯйи касбу ихтисосҳо, ки аз муоинаи ҳатмии тиббӣ аз ВНМО ҳангоми дохил шудан ба кор гузаштанашон ҳатмист, оварда мешавад.***

Бо мақсади ошкор намудани сироятшавӣ аз ВНМО тартиби муоинаи тиббӣ, бақайдгирӣ, муоинаи тиббии шахсони мубталои масунияти ВНМО ва назорати профилактикӣ аз болои онҳо тибқи Номгӯйи касбу ихтисосҳо, ки аз муоинаи ҳатмии тиббӣ аз ВНМО ҳангоми дохил шудан ба кор ва ҳангоми гузаронидани муоинаи тиббӣ ҳатмист, муқаррар гардидааст:

1. Пизишкони ҳайати миёна ва хурди тиббии марказҳо оид ба профилактика ва мубориза бо АНМБ, муассисаҳои тандурустӣ, шуъбаҳо ва ҷузъҳои сохтории махсусгардонидашуда, ки бевосита ба муоина, ташхис, табобат, хизматрасонӣ ба шахсони мубталои ВНМО ва ҳамчунин гузаронидани экпертизаи судӣ – тиббӣ ва

---

бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2008, №171 тасдиқ шудааст (дар таҳрири қарори Ҳукумати ҶТ аз 06.08 соли 2014, №528)

дигар намуди корҳо бо шахсони мубталошудаи вируси норасоии масунияти одам, ки бо онҳо алоқаи бевосита доранд.

2. Пизишкони ҳайати миёна ва хурди тиббии озмоишгоҳҳо, ки муоинаи аҳолиро барои ВНМО, таҳқиқи хун ва маводҳи биологии дастрасшуда аз шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ба роҳ мемонанд.

3. Кормандони тиббие, ки дар муассисаҳои табобатӣ – профилактикӣ кор мекунанд ва бевосита бо хун алоқамандӣ доранд:

- Ҷарроҳони ҷарроҳикунандаи тамоми тахассусҳо, хоҳарони шафқати тиббии ҷарроҳии утоқҳои муолиҷавӣ, ҳайати хурди тиббӣ;
- акушер - момодоя, акушерҳо;
- ҳайатҳои шуъбаҳои дандонпизишкӣ, хун, гурдаҳои сунъӣ, муассисаҳои хадамоти хун, озмоишгоҳҳои табобатӣ – ташхисӣ ва биокимиёвӣ.

4. Мутахассис оид ба татуаж (кашидани суратҳо дар ҷисм).

*Бояд донист: агар шахси мубталои ВНМО ба коре, ки ба номгӯи овардашуда алоқамандӣ надошта бошад, таъин шавад, он вақт корфармо ҳуқуқ надорад аз ӯ хулосаро дар хусуси мавҷуд будан/ набудани сироят аз ВНМО талаб намояд.*

**Ифшо ва махфият**

Назорати тиббӣ аз болои мубталоёни ВНМО ва бемороии АНМБ аз ҷониби маркази профилактикӣ ва мубориза бо ВНМО/АНМБ ва ташкилотҳои табобатӣ – профилактикии ҷои истиқомат на камтар аз 1 маротиба дар 6 моҳ гузаронида мешавад.[14]

Бақайдгирӣ, қайд кардан ва назорати тиббӣ аз болои шахсони дорои натиҷаҳои мусбии таҷзияи ВНМО бояд бо риояи принсипҳои махфият ва эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тибқи қонунҳо ва шартномаҳои байналмилалии муқарраргардида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шаванд.

[14] Банди 35 – и Қоидаҳои мазкур

Кормандони тиббӣ вазифадоранд этикаи касбии корманди тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд. Ҳангоми гузаронидани муоинаи тиббӣ ҳама гуна намуди маҷбӯрнамоӣ барои муқаррар намудани ВНМО, гузаронидани он бе розигии шахси муоинашаванда (ба истиснои муоинаи маҷбӯрӣ вобаста ба нишондиҳандаҳои эпидемиологии дар боло овардашуда) ё бо истифодаи усулҳои ҷисмонӣ, равонӣ ва фишори маънавӣ баробар ба ҳамчун бо истифода аз вазъи вобастагии шахси муоинашаванда манъ мебошад.

Маълумот дар бораи далелҳои натиҷаи муоинаи тиббӣ барои ошкор намудани вируси норасоии масуният ва дигар намуди маълумотҳое, ки ҳангоми муоинаи тиббӣ гирифта мешаванд, сирри тиббиро ташкил медиҳанд.

Ифшои маълумоти ташкилдодаи сирри тиббии шахсоне, ки онҳо ҳангоми омӯзиш, ба роҳ мондани вазифаҳои касбӣ, хизматӣ ва монанди инҳо маълум мешаванд, роҳ дода намешавад. Додани маълумоти дорои сирри тиббӣ ба дигар шаҳрвандон ва шахсони мансабдор, танҳо бо розигии хаттии шаҳрванд ё намояндаи қонунии ӯ роҳ дода мешавад.

Ҳар як муоинаи тиббӣ, ки барои ошкор намудани вируси норасоии масунияти одам новобаста аз шаклҳои он гузаронида мешавад, ҳатман бояд аз машварати равонию иҷтимоии то санҷишӣ (тестӣ) ва баъдисанҷишӣ (баъдитестӣ) роҳнамоӣ карда шавад.

Шахсоне, ки маълумоти сирри тиббии ташкилшударо ҳангоми омӯзиш, истифодаи вазифаҳои касбӣ, хизматӣ ва дигар намудани уҳдадориҳо ифшо мекунанд, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Қонунгузории Тоҷикистон барои ифшо намудани маълумоти тиббӣ, доруворӣ ва дигари кормандон бе зарурати касбӣ ё хизматӣ дар бораи беморӣ ё натиҷаҳои муоинаи тиббии мизоҷон ҷазоро дар намуди ҷарима аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо (аз 10000 то 25000 сомонӣ) ё маҳрум сохтани ҳуқуқ барои ишғоли вазифаҳои муайян ё барои машгул шудан ба фаъолияти алоҳида ба муҳлати то ду сол пешбинӣ менамояд.

Агар маълумот дар бораи мавҷуд будани шахсони дорои ВНМО ифшо шуда

бошад, он вақт қонун маҳрум сохтан аз озодиро ба муҳлати ду сол бо маҳрум намудани ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян ё ба фаъолияти муайян машғул шудан ба ҳамин муҳлатро пешбинӣ намудааст.

Агар ифшои маълумот дар бораи бемории одам оқибатҳои дар худ вазнинро дошта бошад, он вақт ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян ё ба фаъолияти муайян машғул шуданро ба ҳамин муҳлат пешбинӣ менамояд.[15]

*Бояд донист, ки дар Тоҷикистон чунин мафҳуме ба монанди сирри тиббӣ мавҷуд аст. Ифшои сирри тиббӣ, масалан, дар бораи дар одам мавҷуд будани ким – кадом як намуди беморӣ, аз ҷумла ВНМО/АНМБ аз ҷониби кормандони тиббӣ метавонад боиси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ – аз ҷарима то аз озодӣ маҳрум гардидани кормандони тиббӣ гардад.*

---

[15] Моддаи 145 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Ҷавобгарии маъмурӣ.

*Бо вуҷуди ин, бояд донист, шахсе, ки дар бораи дар вай мавҷуд будани вируси норасоии масуният одамро медонад, дидаву дониста ошкоро мубтало намудани хатари сироят, ё худ сироят кардани дигар шахсон манъ аст, бинобар ин[16], шахсе, ки дар бораи дар онҳо мавҷуд будани сирояти ВНМО ё дигар бемориҳои олоти таносулро медонад, набояд, ки дигар одамонро бо сирояти хатарнок мубтало кунад. Чунин хулқи бад дар пай аз ҷаримаи маъмурӣ то ҷазои ҷиноятӣ дар намуди маҳрум намудан аз озодиро дорад.*

Пинҳон нигоҳ доштани шахсе, ки мубталои инфексияи ВНМО, бемориҳои инфексионӣ, сарчашмаи заҳролудшавӣ ва ҳамчунин шахсоне, ки бо ин шахс алоқа дошта, бо ин намуди бемориҳо хатари сирояткуниро ба вуҷуд меоранд, барои онҳо ҷаримаи маъмурӣ дар ҳаҷми аз даҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо (аз 500 то 1000 сомонӣ[17]) пешбинӣ гардидааст.[17]

[16]Моддаи 164 КТ ҶТ
[17]Моддаи 120 Кодекса РТ об административных правонарушениях

**Ҷавобгарии ҷиноятӣ**

Ошкоро дигар шахсро таҳти хатари сирояти ВНМО гузоштан бо маҳдуд намудани озодӣ ба муҳлати то се сол ё аз озодӣ маҳрум сохтан ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

Сироят намудани дигар шахс бо вируси норасоии масунияти одам, дар бораи мавҷуд будани дар вай ин намуди бемориро донистан бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо пешбинӣ гардидааст.

Сироят намудани дигар шахс бо ВНМО аз тарафи шахсе, ки дар бораи дар вай мавҷуд будани ин бемориро медонад ва нисбат ба ду ё шахсони бештар ё дидаву дониста нисбат ба шахсони ноболиг ба амал меорад, маҳрум намудан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол пешбинӣ гардидааст.[18]

Ҷазои ҷиноятӣ на танҳо сироят намудани дигар шахсонро бо инфексияи ВНМО, балки барқасдона сироят намудани шахсони дигар ба бемории узвҳои таносулро низ пешбинӣ кардааст. Чунин намуди ҷиноят бо ҷазои ҷаримавӣ дар ҳаҷми аз дусад то

[18] Моддаи 125 Кодекси ҷиноятии ҶТ

панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо (аз 10000 то 25000 сомонӣ) ё корҳои ислоҳи меҳнатӣ ба муҳлати аз як сол то ду сол ё ба муҳлати то шаш моҳ ба ҳабс гирифтан ҷазо дода мешавад.

Агар чунин сирояткунии барқасдонаи дигар шахсони дорои бемории узвҳои таносул нисбат ба ду ё шахсони бештар ё дидаву дониста нисбат ба ноболигон содир шуда бошад, чунин амалҳо бо ҷаримаи ҷиноятӣ дар ҳаҷми аз панҷсад то ҳафтсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо (аз 25000 то 35000 сомонӣ), ё худ маҳрум намудан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо пешбинӣ гардидааст.[19]

### *1.3 Сил*

**Расонидани кӯмаки зидди бемории сил**

Дар Кодекси нави тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон фасли алоҳида (23) ва ҳамчунин оид ба ҳифзи аҳолӣ аз бемории сил ҷудо гардидааст.

Расонидани кӯмаки зидди бемории сил аз ҷониби давлат кафолат дода шудааст…

---

[19] Моддаи 126 КҶ ҶТ

Чунин намуди кӯмак ба шаҳрвандон ройгон тақсим карда мешавад, агар онҳо ихтиёран барои гирифтани кӯмак муроҷиат намуда бошанд, ё кӯмак бо розигии онҳо расонида мешавад.

Кӯмаки зидди бемории сил ба ноболигон, аз он ҷумла ба шаҳрвандоне, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ношоям ҳисобида мешаванд, бо розигии намояндаи қонунии онҳо расонида мешавад.

Шахсоне, ки дар алоқамандӣ бо беморони бемории сил ё мубталоёни ВНМО мебошанд ва дигар шахсоне, ки ба гурӯҳҳои таваккал мансубанд, бояд аз муоинаи тиббӣ барои бемории сил гузаранд.

*Бояд донист, ки кӯмаки зидди бемории сил ройгон расонида мешавад.*

Бо мақсади ошкор намудани бемории сил муоинаҳои давравии профилактикии тиббии шаҳрвандоне, ки ба гурӯҳҳои таваккал мансубанд, гузаронида мешавад[20] *(ки*

[20] Моддаи 152 КТ ҶТ

*ба онҳо аз он ҷумла, маҳбусон ва мутобиқан собиқ маҳбусон дохил мешаванд)*.

Ташкилотҳои зидди бемориҳои сил вазифадоранд, ки дар бораи ҳолатҳои ошкор гардидани беморони аз инфексия сироятёфта ба марказҳои давлатии санитарӣ – эпидемиологии минтақаҳои худ маълумот пешниҳод намоянд.[21]

Аз болои беморони бемории сил новобаста аз розигии чунин беморон ё намояндагони қонунии онҳо назорати диспансерӣ бурда мешавад.

Қарор дар бораи зарурати назорати диспансерӣ ё қатъи он аз ҷониби комиссияи тиббӣ, ки аз тарафи роҳбари муассисаи тандурустӣ қабул карда шуда, дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ ба расмият дароварда мешавад, дар ин хусус дар шакли хаттӣ ба шахси ба назорати диспансерӣ равонамегардида хабардор карда мешавад.[22]

---

[21] Моддаи 155 КТ ҶТ
[22] Моддаи 153 КТ ҶТ

## Ҳуқуқҳои шахсони бемории сил [23]:

Шахсони бемории сил ё дар алоқамандӣ бо он, ки таҳти назорати диспансерӣ қарор доранд, ҳангоми ба онҳо расонидани кӯмаки зидди бемории сил ҳуқуқ доранд:

- дар муносибатҳои эҳтиромона ва инсондӯстонаи кормандони тиб ва дигар кормандоне, ки дар расонидани кӯмаки зидди бемории сил иштирок менамоянд;
- дар гирифтани маълумот оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои беморони бемории сил ва шахсоне, ки дар алоқамандӣ бо бемории сил таҳти назорати диспансерӣ қарор доранд ва ҳамчунин дар бораи хислати беморӣ ва усулҳои истифодашавандаи табобат дар шаклҳои барои онҳо дастрас;
- дар интихоби пизишк ва табобатгоҳ барои табобат новобаста аз ҷои истиқомати бемор;
- дар бораи маҳфуз нигоҳ доштани сирри тиббӣ;

---

[23] Моддаи 153 КТ ҶТ

- дар бораи ташхис ва табобат дар муассисаҳои зидди бемориҳои сил дар шароитҳои ба талаботи санитарию беҳдоштӣ ҷавобгӯй;
- дар табобати санаторӣ – осоишгоҳӣ мутобиқ ба нишондиҳандаҳои тиббӣ;
- дар табобат дар муассисаҳои тиббии зидди бемории сил дар ҷараёни муҳлати барои муоина ва гузаштани табобат зарурбуда.

Шахсони барои муоина ё табобат дар муассисаҳои тиббии зидди бемории сил бистаригардида ҳуқуқ доранд:

- аз роҳбари муассисаҳои тиббӣ дар бораи табобат ва муоинаи беморшавӣ аз бемории силро дастрас намояд;
- азхудкунии маълумотро мутобиқ бо барномаҳои умумии ҳатмии таълимии маълумоти миёнаи умумӣ давом диҳад;
- дар алоҳидагӣ бо адвокатҳо, равоншиносон ва аҳли дин мулоқот намояд;
- маросимҳои диниро, агар чунин маросимҳо ба вазъи саломатии мизоҷ таъсири манфӣ наросананд, иҷро намояд.

Шахсони бемори бемории сил ё дар алоқамандӣ бо ин беморӣ, ки таҳти назорати

диспансерӣ қарор доранд, аз ҷумла дигар намуди ҳуқуқҳоро, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, доранд.

*Уҳдадориҳои шахсони бемори бемории сил*[24]*:*

Шахсони бемори бемории сил ё таҳти назорати диспансерӣ қарордошта уҳдадоранд:

- реҷаи табобатӣ – солимгардонӣ ва чорабиниҳои ташхисиро, ки аз ҷониби кормандони тиббӣ муайян карда шудааст, риоя намоянд;
- қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаҳои тиббии зидди бемориҳои силро дар вақти дар чунин муассисаҳо буданашон риоя намоянд;
- қоидаҳои санитарӣ – гигиении барои беморони силро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ иҷро намоянд.

24 Моддаи 157 КТ ҶТ

**Кӯмаки иҷтимоӣ ба беморони бемории сил ва/ ё дар алоқамандӣ бо он, ки дар таҳти назорати диспансерӣ қарор доранд[25]:**

- Ба беморони намуди фаъоли бемории сил, бекорон аз рӯзи муқаррар гардидани ташхисашон ба муҳлати як сол маъюбӣ муқаррар карда мешавад.
- Ба шаҳрвандони бемори бемории сил, ки муваққатан коршоямиашонро аз даст додаанд, ҷои корашон (вазифаашон) ба муҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад.
- Дар вақти аз кор (вазифа) озод намудан дар алоқамандӣ бо бемории сил ва беморони бемории сил дар асоси сугуртаи иҷтимоии давлатӣ кӯмакпулӣ дода мешавад.
- Шахсони бемори бемории сил ё таҳти назорати диспансерӣ қарордошта бо воситаҳои доруворӣ барои ташхис ва табобати ройгон таъмин карда мешаванд.
- Шахсони бемори бемории сил, ки барои табобат дар табобатгоҳ қарор доранд,

[25] Статья 156 КЗ РТ

бо гизои ройгони серкалория дар мутобиқат бо меъёрҳои воягӣ, ки барои гурӯҳҳои мазкури беморӣ муқаррар гардидааст, таъмин карда мешаванд.

- Барои беморони дар хобгоҳҳо ва хонаҳои баландошёна истиқоматкунанда ҳангоми дар онҳо ошкор гардидани шаклҳои сирояткунандаи бемории сил масоҳати алоҳидаи манзил мутобиқ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

**Ба табобат фарогирии маҷбӯрӣ**

Дар моҳи майи соли 2016 дар Кодекси мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон фасли алоҳидаи 35[1] дар бораи ба табобати маҷбӯрӣ фаро гирифтани шахсон дар муассисаҳои махсусгардонидашудаи зидди бемории сил ва таъин намудани муоинаи ҳатмӣ бо мақсади ошкор кардани бемории сил ва табобати он ворид карда шуд.

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ариза дар бораи ба табобати маҷбӯрӣ фаро гирифтани шахси сироятёфтаи бемории (паҳнкунандаи бемории сил) намуди сил, ки таҳти назорати диспансерӣ қарор дошта, реҷаи санитарӣ – эпиде-

миологиро мунтазам вайрон мекунад, аз тарафи роҳбари муассисаи тиббии махсусгардонидашудаи зидди бемории сил ё аъзои оилаи бемор ба суди маҳалли истиқомати бемор ё маҳалли ҷойгиршавии муассисаи тиббии махсусгардонидашудаи зидди бемории сил пешниҳод карда мешавад.[26]

Ба ариза дар бораи ба табобати маҷбӯрӣ фаро гирифтан хулосаи бо далели комиссияи пизишкӣ – тиббӣ, роҳбари таъинкардашудаи муассисаи тиббии махсусгардонидашудаи зидди бемории сил дар хусуси ҷойгир кунонидани шахси бемори бемории силдошта таҳти реҷаи беморхонавӣ замима карда мешавад.

Маҷлиси суд дар бинои суд ё дар муассисаи тиббии махсусгардонидашудаи зидди бемории сил бо реҷаи беморхонавӣ гузаронида мешавад. Агар, ҳузур доштани бемор дар толори суд дар алоқамандӣ бо хатари сирояткунии атрофиён номумкин бошад, он вақт парванда дар муассисаи тиббии махсусгардонидашудаи зидди бемории сил бо реҷаи беморхонавӣ дида баромада мешавад.

---

[26] Моддаи 311[1] КМГ ҶТ, моддаи 154 КТ ҶТ

Бемор ҳуқуқ дорад шахсан дар дида баромадани ариза дар бораи маҷбӯран ба табобат фаро гирифтани ӯ иштирок намояд. Суд метавонад парванда дар бораи маҷбӯран ба табобатгоҳ фаро гирифтани шахси дорои бемории силро дар набудани ӯ, агар иштироки вай дар маҷлиси суд вобаста ба вазъи саломатиаш имконнопазир бошад, дида барояд.

Ариза дар бораи маҷбӯран ба табобатгоҳ фарогирӣ аз ҷониби суд дар муҳлати панҷ рӯз аз вақти огоз намудани парванда бо иштироки прокурор, намояндаи муассисаи тиббии махсусгардонидашудаи зидди бемории сил ё аъзои оилаи бемор, ки ба суд бо ариза дар бораи ба табобатгоҳи маҷбӯрӣ фаро гирифтан ва шахсоне, ки дар муносибати онҳо масъала оид ба ба табобатгоҳи маҷбӯрӣ фаро гирифтан ё намояндаи онҳо муроҷиат карда шудааст, дида баромада мешавад.[27]

Қарор дар бораи қонеъ намудани ариза асос барои маҷбӯран ба табобат фаро гирифтани шахс дар муассисаи тиббии махсусгардонидашудаи зидди бемории сил мегардад.

[27] Моддаи 311[1] КМГ ҶТ

Аризаи роҳбари муассисаи тиббӣ ё аъзои оилаи шахси бемор дар бораи таъини муоинаи ҳатмӣ бо мақсади ошкор кардани бемории сил ва табобати бемор ба суд вобаста ба маҳалли зисти шахси барқасдона аз муоина саркашинамуда пешниҳод карда мешавад. Ба ариза хулосаи тиббии далелнок дар бораи зарурати муоинаи ҳатмии тиббӣ бо мақсади ошкор намудани бемории сил ва дигар ҳуҷҷатҳо замима карда мешаванд.

Ариза аз ҷониби суд бо иштироки прокурор, намояндаи муассисаи тиббӣ ё аъзои оилаи шахси бемор, ки ба суд бо ариза дар бораи таъини муоинаи ҳатмӣ бо мақсади ошкор кардани бемории сил ва табобати вай, шахсе, ки дар муносибат бо ӯ масъала оид ба таъини муоинаи ҳатмӣ ҳал мегардад, муроҷиат намудааст, ё намояндаи ӯ дар мӯҳлати се рӯз дида баромада мешавад.

Аз рӯи моҳият дида баромадани ариза дар бораи таъини муоинаи ҳатмӣ бо мақсади ошкор кардани бемории сил ва табобати он, суд дар бораи қонеъ ё рад кардани ариза қарор қабул менамояд.[28]

---

[28] Моддаи $311^2$, $312^3$ КМГ ҶТ

Қарор дар бораи ба табобатгоҳи маҷбурӣ фаро гирифтани шахси бемори бемории сил ва таъини муоинаи ҳатмӣ бо мақсади ошкор намудани бемории сил дар муассисаҳои махсусгардонидашудаи тиббии зидди бемории сил фавран ба иҷро расонида мешавад.[29]

*Бояд донист, ки маҷбуран ҷойгир кунонидани одами бемори гирифтори бемории шакли сил дар беморхонаро танҳо суд карда метавонад!*

### *1.4 Расонидани кӯмаки тиббӣ – иҷтимоӣ ба беморони бемориҳои наркологӣ*

Бемории наркологӣ – ин халалпазирии равонӣ ва саломатии ҷисмонӣ дар натиҷаи истеъмоли ғайритиббии воситаҳои психотропӣ ва ашёҳои ба онҳо баробаркардашудаи нӯшикоҳои спиртӣ, ки дар натиҷаи оқибатҳои он вобастагии равонӣ аз ашёҳои дар боло овардашуда ва таназзули иҷтимоӣ ташаккул меёбад, ба ҳисоб меравад.[30]

Кӯмаки наркологӣ ба беморон дар асоси муроҷиати онҳо ё бо розигии онҳо, ба

---

[29] Моддаи 215 КМГ ҶТ
[30] Моддаи 1 КТ ҶТ

шахсони ноболиг бошад, дар асоси муроҷиат ё розигии волидайн ё намояндагони ҳуқуқии онҳо расонида мешавад.

Шахс танҳо дар асоси қарори комиссияи табибон мумкин аст, ки майзада, токсикоман ва нашъаманд эътироф карда шавад. Шикоят бурдан аз болои қарори комиссияи табибон танҳо ба мақомоти болоии тандурустӣ ё суд мумкин аст.[31]

***Намудҳои кӯмаки наркологӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад.***[32]

Аз ҷониби давлат намудҳои зерини кӯмаки наркологӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ расонида мешавад:

- ✓ кӯмаки таъхирнопазири наркологӣ;
- ✓ кӯмаки ниҳонии наркологӣ дар ташкилотҳо ва муассисаҳои наркологӣ;
- ✓ кӯмаки машваратӣ – ташхисӣ, табобатӣ – профилактикӣ, муоличаи равонӣ –терапевтӣ ва махлути терапевтӣ, кӯмаки зиддиреседивӣ ва тиббӣ – иҷтимоӣ дар шароити гайритабобатгоҳӣ ва статсионарӣ;

---

[31] Моддаи 206 КТ ҶТ
[32] Моддаи 194 КТ ҶТ

- ✓ тамоми намудҳои экпертизаи наркологӣ, муайян кардани корношоямии муваққатӣ;
- ✓ машварат вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва дигар намудҳои кӯмаки ҳуқуқӣ;
- ✓ сохти иҷтимоӣ – ҳаётии маъюбон ва пиронсолоне, ки аз бемориҳои наркологӣ азият мекашанд.

***Ҳуқуқи шахсоне, ки аз бемориҳои наркологӣ азият мекашанд.*** [33]

Шахсоне, ки аз бемориҳои наркологӣ азият мекашанд, ҳуқуқҳои зерин доранд:

- ✓ эҳтиром ва муносибати инсондӯстонаи истисно аз паст задании шаъни инсонӣ;
- ✓ махфияти маълумот дар бораи хислатҳои дар онҳо мавҷуд будани бемориҳои наркологӣ ва усулҳои истифодамешудаи табобат, агар онҳо ба саломатиашон зарар нарасонанд;
- ✓ истифодаи воситаҳо ва усулҳои табобат, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ кардааст;
- ✓ гузаронидани табобат дар шароитҳои амбулаторӣ ва табобатгоҳӣ;

[33] Моддаи 195 КТ ҶТ

- ✓ нигоҳдорӣ дар муассисаҳои табобатии табобатгоҳӣ дар ҷараёни вақти зарурӣ барои муоина ва табобат;
- ✓ расонидани кӯмаки табобатӣ дар шароити ба талаботҳои санитарӣ – гигиенӣ мувофиқ;
- ✓ вобаста ба талаби бемор даъват намудани мутахассиси нарколог ва равоншинос барои кор дар комиссияи тиббӣ приглашение;
- ✓ гирифтани кӯмакҳои иҷтимоӣ аз давлат;
- ✓ пешниҳоди шикоят ва ариза ба мақомоти давлатӣ, суд, ташкилоту муассисаҳо;
- ✓ гирифтани кӯмаки адвокат, намояндаи қонунӣ ва инчунин шахсони дигар тибқи тартиби муқарраргардидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ✓ дастрас намудани маълумот дар бораи хислати бемории дар ӯ мавҷудбуда мақсадҳо ва давомнокии намудҳои кӯмаки наркологии тавсиямешуда, тартиби таъиншуда ва усулҳои табобат, натиҷаҳои чашмдошт, имкониятҳои самаранокии дуюмдараҷа ва ҳамчунин дар бораи усулҳои дигари табобатӣ;
- ✓ мурочиат бо хоҳиши шахсӣ дар бораи аз табобатгоҳ ҷавоб додан;

- ✓ розигии пешакӣ ё рад намудани он дар ҳама марҳилаҳо аз истифода шудан ба сифати объекти санҷишии воситаҳои тиббӣ ва усулҳо, пажӯҳишҳои илмӣ ё равандҳои омӯзишӣ, сурат, навори видеоӣ ё банаворгирии кино.

***Табобати маҷбурии шахсоне, ки аз бемории наркологӣ азият мекашанд***

Ба шахсони кирдори ҷиноятӣ ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содиркарда, ки ба табобати тасдиқшудаи бемории наркологӣ ниёзманд мебошанд ва аз табобати ихтиёрӣ саркашӣ мекунанд, табобати маҷбурӣ истифода бурда мешавад.

Табобати маҷбурӣ дар шуъбаҳои махсусгардонидашудаи тиббии соҳавии муассисаҳо ба роҳ монда мешавад.

Ба табобати маҷбурӣ фаро гирифта намешаванд:

- ✓ шахсоне, ки ба синни 18 – солагӣ нарасидаанд;
- ✓ занони ҳомила ва занони дорои кӯдакони синну солашон то 8 – сола;

- ✓ нафақахӯрон (мардон – дар синну соли 63 ва аз он калон, занон – дар синну соли 58 ва аз он калон [34]);
- ✓ маъюбони гурӯҳҳои I ва II;
- ✓ шахсоне, ки аз бемориҳои рӯҳӣ азият мекашанд;
- ✓ шахсони аз бемориҳои вазнини ҳамроҳикунандае, ки ба табобати маҷбурии онҳо монеа эҷод мекунанд. Номгӯи ин намуди бемориҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқ карда мешавад.[35]

# II. ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ

### *2.1 Хизматрасонии иҷтимоӣ*

Вобаста ба хизматрасонии иҷтимоӣ аз ҷониби Шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (Ҳукумат) кӯмак расонида мешавад.

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъияти душвори ҳаётӣ – ин

---

[34] Моддаи 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»
[35] Моддаи 203 КЗ РТ

вазъияти воқеии халалдоркунандаи фаъолияти ҳаётии муътадили шаҳрванд ё вазъияте, ки онро шахс мустақилона бартараф карда наметавонад, аз инҳо иборатанд:

- маъюбият;
- куҳансолӣ (пирӣ);
- беморӣ;
- оқибатҳои ҷароҳати истеҳсолӣ ва бемории касбӣ;
- аз даст додани саробон, танҳоӣ, ятимӣ, беназоратӣ;
- мавҷуд набудани ҷои истиқомати муайян;
- вобастагии устувори равонӣ, оқибатҳои зӯроварӣ ё вазъияти алоқаманд бо таваккал барои ҳаёт;
- вазъиятҳои дигари пурмашшақати ҳаётӣ.[36]

Ба шахсон – гирандагони кӯмаки ройгони иҷтимоӣ инҳо дохил мешаванд:[37]

---

[36] Моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»

[37] Банди 4 Тартиб ва ҳаҷми пешниҳоди кӯмаки иҷтимоии ройгон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2012, № 724 (дар таҳрири қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.07.2015., № 448)

- маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаи онҳо;
- шахсони синну солашон калони қисман ё пурра қобилияти ба худ хизматрасониро аз даст додаанд, шахсони танҳо истиқоматкунанда, аз он ҷумла ҳамсарони ба танҳоӣ зиндагикунанда;
- ноболиғони дар иҳотаи иҷтимоии хатарнок ҷойгиршуда ва ноболиғоне, ки бе саробонии волидайн мондаанд;
- шахсоне, ки саробони худро аз даст додаанд ва сарчашмаи даромад надоранд;
- шахсони бе ҷои зисти муайян;
- шахсоне, ки қурбони истисмори меҳнатӣ ё ҷинсӣ гардидаанд;
- модарони танҳои ноболиғи дорои тифл ва ноболиғони танҳои ҳомила;
- оилаҳои нопурра бо кӯдакони ноболиғ;
- ғурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ва ҳамчунин одамон қурбони савдошуда ва оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки занҳои худро мондаанд ё ба онҳо кӯмак намерасонанд;
- занон, кӯдаконе, ки аз тамоми шаклҳои таҷовуз озор дидаанд;

- шахсони дар натиҷаи оқибатҳои садамаҳои техногенӣ (аз он ҷумла, дар НБА Чернобил), ҳолатҳои фавкулодда, амалиётҳои ҳарбӣ зарардида;
- ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда; завҷа (ҳамсар) – и талафшуда, фавтидаи ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда;
- шахсони дар вазъияти вазнини ҳаётӣ қарордошта ва ба сарпаноҳи муваққатӣ ниёздошта;
- шахсони ба кӯмаки фаврии иҷтимоӣ ниёзманд.

Чи тавре ки маълум аст, аз рӯйхати мазкур шахсоне, ки аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ озод гаштаанд, ба рӯйхати гурӯҳҳои шахсони дар вазъияти машаққатноки ҳаётӣ қарордошта дохил нашудаанд, ҳарчанд ин номгӯй пӯшида нест ва таҳти «ҳолатҳои дигари ҳаётӣ», ки зери онҳо шахсони аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ озод гаштаанд, пурра мувофиқ буда метавонанд.

Ба гайр аз ин, шахсоне, ки аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ озод гаштаанд, дорои маъюбият, беморӣ, шахсони бе ҷои зисти

муайянбуда, бо воситаи инҳо гирандагони хизматрасонии иҷтимоӣ дар ин асос шуда метавонанд.

Намудҳои хизматрасонӣ:

- хизматрасонии иҷтимоӣ – ҳаётӣ барои мадад расонидани фаъолияти ҳаётии ба рӯзгор равонагардида;
- хизматрасонии иҷтимоӣ – тиббии равонагардида барои нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани саломатии истифодабарандагони хадамоти иҷтимоӣ;
- хизматрасонии иҷтимоӣ – равонии барои тақвият, таҳрири вазъи равонии истифодабарандагони хадамоти иҷтимоӣ бо мақсади мутобиқсозии онҳо дар муҳити будубош равонагардида;
- хизматрасонии иҷтимоӣ – педагогии равонагардида барои тарбия, баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва касбӣ, профилактика ва таҳрири тамоилнокӣ дар ахлоқ;
- хизматрасонии иҷтимоӣ – ҳуқуқӣ барои расонидани кӯмак ё тағйири вазъи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои қонунӣ ва манфиатҳо, нигоҳдорӣ ва беҳтар

кардани сатҳи ҳаётии истифодабаранда.[38]

Яке аз намудҳои кӯмаки иҷтимоӣ ба шахсоне, ки дар ҳолати ногувори ҳаётӣ қарор дорад, ин расонидани хизмат дар хона мебошад, ки аз ҷониби кормандони хадамоти иҷтимоӣ тавассути пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоии гуногуншакл ба шаҳрвандоне мебошад, ки ба хизматрасонии иҷтимоии муваққатӣ ва доимӣ ниёз доранд, ба роҳ монда мешавад. Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона ҳамчунин ба шаҳрвандони яккаву танҳо ва шаҳрвандоне, ки қисман қобилияти худхизматрасониро дар алоқамандӣ бо куҳансолӣ, беморӣ, маъюбӣ ва дигар ҳолатҳои вазъи ногувори ҳаётӣ аз даст додаанд, пешниҳод карда мешавад.[39]

Хизматрасонии иҷтимоӣ дар шаклҳои зерин ифода меёбад:

- мушоияти иҷтимоӣ (сарпарастӣ) – маҷмӯи хизматҳои иҷтимоии дорои хислати дарозмуддат ва такроршаванда ба

[38] Банди 6 Тартиб ва ҳаҷми расонидани хизмати ройгони иҷтимоӣ
[39] Моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»

шаҳрвандон буда, бо мақсади профилактика аз ҳолатҳои ногувори ҳаётӣ расонида мешавад;

- мутобикшавии иҷтимоӣ ва барқарорсозӣ – маҷмӯи хизматрасонии иҷтимоии дорои хислати дарозмуддат ва такроршаванда буда, ба шаҳрвандон бо мақсади аз нав барқарор намудани фаъолияти муътадили ҳаётӣ пас аз ҳолатҳои ногувори зиндагӣ расонида мешавад.[40]

Хизматрасонии иҷтимоии ройгон аз ҷониби хадамоти давлатии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои шахсони зерин расонида мешавад:

- ба шаҳрвандон вобаста ба калонсолӣ, беморӣ, маъюбӣ, шахсони хешу табор надошта, ки метавонистанд ба онҳо кӯмак ва парасторӣ намоянд;
- ба шаҳрвандони дар ҳолати вазнини зиндагӣ қарордошта дар алоқамандӣ бо ҳодисаҳои нохуши табиӣ, садамаҳо, дар натиҷаи низоъҳои иҷтимоӣ зарардида;
- ба кӯдакон, ҷавонон ва ҳамчунин занони ҳомилаи дар ҳолати вазнини зиндагӣ қарордошта.

---

[40] Моддаи 17 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ номгӯи иловагии хизматрасонии ройгони иҷтимоӣ ва асос барои пешниҳоди онҳоро метавонанд муайян намоянд. [41]

> *Барои он ки аз хизматрасонии иҷтимоӣ бархурдор гардед, ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муроҷиат намоед.*

## *2.2 Маъюбӣ*

### *Муқаррар намудани маъюбӣ*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз дараҷаҳои аз даст додани коршоямӣ маъюбӣ ба се гурӯҳ: I, II ва III тақсим карда мешавад:

Барои кӯдакони дорои маъюбӣ, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд, гурӯҳи «кӯдаки маъюб» муқаррар карда мешавад.[42]

---

[41] Моддаи 19 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»

[42] Моддаи 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон»

Маъюбии гурӯҳи якум ба муҳлати ду сол ва гурӯҳҳои дуюм ва сеюми маъюбӣ ба муҳлати як сол муқаррар карда мешавад.

Азнавмуоинашавии шахсони дорои маъюбӣ як моҳ пеш аз ба охир расидани муҳлати муқаррааргардида гузаронида мешавад.

Маъюбии бе муҳлат ба гурӯҳҳои зерини шахсон муқаррар карда мешавад:

- маъюбоне, ки муҳлати азнавмуоинашавии онҳо пас аз синну соли муқаррааргардида огоз мегардад: барои мардон – пас аз 63 солагӣ ва барои занон пас аз – солагӣ;
- маъбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда;
- маъюбони садамаи НБА Чернобил.[43]

Маъюбӣ аз ҷониби Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ (ХДТТИ) (собиқ КЭТМ – комиссияи экспертизаи тиббӣ – меҳнатӣ), ки мақомоти иҷрокунандаи ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, ба Вазорати

---

[43] Банди 31 Дастурамал оид ба экспертизаи тиббӣ – иҷтимоӣ (Замима ба фармоиши якҷояи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз 2 майи соли 2012, №73 ва Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2012, №189)

тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб мебошад, муқаррар карда мешавад.

Халалпазирии қобилияти корӣ ва маҳдудии фаъолияти ҳаётӣ дар таносуб бо фоиз баҳо дода мешавад.

Бо мақсади ба тартиб даровардани раванди баҳодиҳӣ вобаста ба нишондиҳандаҳои гуногуни дараҷаи уҳдадориҳо (ДУ) аз рӯи ҷадвали панҷбала, ки тибқи он (аз 0 то 4) ба 100% ва фосилаи байни балҳо 25% - ро ташкил медиҳад, муайян карда мешавад.

- ДУ - 0 – ҳолати муқаррарии нишондиҳанда;
- ДУ -1- халалпазирии сабуки уҳдадориҳо ё ҳудуди фаъолияти ҳаётӣ (аз 1 то 25%);
- ДУ - 2 – халалпазирии миёна ё меъёрӣ (аз 26 то 50%);
- ДУ - 3 – дараҷаи бештари халалпазирӣ (аз 51 то 75%);
- ДУ - 4 – халалпазирии шиддатнок то пурра аз даст додани уҳдадориҳо ё короямӣ (аз 76 то100%).[44]

[44] Банди 4 Қоидаҳо оид ба экспертизаи тиббӣ – иҷтимоӣ

Барои он ки маъюбӣ муқаррар карда шавад, ба пизишки оилавии Маркази саломатии (табобатгоҳ) ҷои истиқомат муроҷиат намудан зарур аст. Агар асос барои муқаррар намудани маъюбӣ мавҷуд бошад, пизишк барои гузаштан аз экспертизаи тиббӣ – иҷтимоӣ роҳхат медиҳад. Ҳамчунин, ба шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии маҳалли зист (шаҳр ё ноҳия, ки дар он шахс истиқомат мекунад) барои дастрас кардани роҳхат ба шуъбаи мазкур ташриф овардан зарур аст.

Қабл аз гузаштан аз ташхиси тиббию иҷтимоӣ (комиссия) ҳуҷҷатҳои зеринро ҷамъоварӣ кардан зарур аст:

- роҳат (шакли 088/б) аз Маркази саломатӣ (аз табобатгоҳ);
- роҳхати шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳрҳо ва ноҳияҳо;
- нусха аз таърихи беморӣ;
- нусха аз варақаи беморӣ;
- шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (агар мавҷуд бошад);

- аризаи шаҳрванд.[45]

Бо ин ҳуҷҷатҳо ва роҳхат ба Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ муроҷиат намудан зарур аст. Ба Комиссия якчанд пизишкон дохил мешаванд, ки пас аз муоинаи зарурӣ, таҳлил ва пажӯҳиш мавҷуд будан ё набудани маъюбиро муқаррар мекунанд.

Агар шахс ҳаракат карда натавонад, он вақт ташхиси тиббию иҷтимоӣ мумкин аст дар хона ё табобатгоҳ гузаронида шавад.

Агар ба шахс маъюбӣ муқаррар карда шавад, ба ӯ нафақаи меҳнатӣ ё иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ муқаррар карда шуда, ҳамчунин вай метавонад аз имтиёзҳои барои шахсони дорои маъюбӣ муқарраргардида истифода барад.

*Маъюбӣ аз ҷониби ташхиси давлатии тиббию иҷтимоӣ тибқи роҳхати пизишки оилавӣ муқаррар карда мешавад.*

*Маъюбии муқарраргардида ба нафақа ва имтиёзҳо ҳуқуқ медиҳад.*

---

[45] Банди 109 Дастурамал оид ба ташхиси тиббӣ – иҷтимоӣ

***Имтиёзҳо барои шахсони дорои маъюбӣ (ШдМ)***

Мутобиқи моддаи 39 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар шахс таъминоти иҷтимоӣ дар вақти пиронсолӣ, дар ҳолатҳои бемории, маъюбӣ, аз қобилити кор маҳрум шудан, аз даст додани саробон ва дигар ҳолатҳое, ки қонун муайян намудааст, кафолат дода мешавад.

Ба маъюбон кӯмаки тиббӣ дар муассисаҳои давлатии тиббӣ ва иҷтимоӣ ройгон ё бо шароити имтиёзнок расонида мешавад.

Ҳуқуқ барои ройгон гирифтани хизматрасонии тиббӣ вобаста ба вазъи иҷтимоиро гурӯҳҳои зерини шахсони бо маъюбӣ доро мебошанд:

- кӯдакони маъюби синну солашон то 18 – сола;
- маъюбони аз синни кӯдакӣ;
- маъюбони гурӯҳҳои I ва II дар натиҷаи оқибатҳои маъюбии меҳнатӣ, касбӣ ё бемориҳои умумӣ;
- маъюбоне, ки ҷароҳат бардоштаанд ва маъюбӣ ҳангоми иҷрои хизмати ҳарбӣ;
- шаҳрвандоне, ки дар натиҷаи оқибатҳои садамаи ННБА Чернобил зарар

дидаанд ва аъзои оилаи онҳо бе саробон мондааст.[46]

Шарти асосии пешниҳоди кӯмаки ройгон ва бо шартоти пардохтии тиббӣ – санитарӣ ба аҳолӣ, ин роҳхати пизишки тиббӣ, духтурони бемориҳои дарунӣ, кӯдак ва акушер – момодояи муассисаҳои минтақавии тиббӣ ва хулосаи комиссияи табобатӣ – назоратӣ ба ҳисоб меравад.

*Барои он ки шахси дорои маъюбӣ хизматрасонии ройгони тиббӣ ё доруворӣ гирад, зарур аст, ки аз пизишки оилавӣ роҳхат дастрас намояд.*

Дар асоси хулосаи ташхиси тиббию иҷтимоӣ ШдМ ба табобати ройгон ё имтиёзноки санаторӣ – курортӣ, дастрас намудани роҳхати бе навбат ва роҳхарҷии ройгон ба маҳалли табобат ҳуқуқ дорад.

Ба ШдМ – и бекор, аз он ҷумла, дар муассисаҳои табобатгоҳӣ қарордошта аз

---

[46] Барномаи кафолати давлатӣ оид ба таъминоти аҳолӣ бо кӯмаки тиббӣ – санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2016. Бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 январи соли 2014, №20 тасдиқ шудааст.

ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии маъюбон ё ташкилотҳои ба онҳо ҷуброни зарарро бар ивази саломатии онҳо расонидаи пардохткунанда роҳатҳо ба тариқи ройгон дода мешавад.

Маъюбони коргар аз ҷои кори худ барои гирифтани роҳхати ройгон барои табобати санаторӣ – курортӣ ё пардохти 50% - и арзиши он [47] (намунаи ариза ҷиҳати дастрас кардани роҳхатро дар Замимаи №1 нигар) ҳуқуқ дорад.

ШдМ ҳамчунин ба таъминоти ройгони воситаҳои техникии барқарорсозӣ (аробачаҳои маъюбӣ, протезҳо, пойафзоли ортопедӣ, асбобҳои шунавоӣ, айнак ва м.и.) ҳуқуқ дорад.

Хароҷоти молиявӣ вобаста ба таъмини маъюбон бо воситаҳои техникии барқарорсозӣ аз ҳисоби воситаҳои буҷети давлатӣ ба роҳ монда мешавад.[48]

---

[47] Моддаи 15, 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон»

[48] Банди 10 Қоидаҳои таъминоти маъюбон бо воситаҳои техникии барқарорсозӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011, №604 (дар таҳрири қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.07. соли 2015., № 448) ба тасвиб расидааст

ШдМ ба роҳкирои ройгон дар нақлиёти ноҳиявӣ, байниноҳиявӣ, шаҳрӣ ва байнишаҳрии истифодаи умумӣ (ба ғайр аз таксӣ) ҳуқуқ дорад. ШдМ ҳамчунин дар асоси имтиёз ҳуқуқ дорад аз нақлиёти роҳҳои оҳан ва ҳавоӣ истифодаи намояд.

Ба оилаҳои дорои ду ва ё маъюби зиёд ва инчунин ба волидайни маъюби танҳои кӯдаки маъюбро тарбиятдиҳанда кӯмаки иловагии иҷтимоӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида мешавад.

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маъюбони гурӯҳҳои I ва II вобаста ба пардохти манзил, хизматрасонии коммуналӣ (ба ғайр аз пардохт барои масрафи қувваи барқ ва гази табиӣ) ва ҳамчунин ба молу мулки шахсӣ табдил додан ҳангоми харидории хонаи давлатии ишғолкардааш (квартира) дар ҳаҷми 50% имтиёз доранд ва ба онҳо барои бе навбат шинонидани телефон, гузаронидани хатти қувваи барқ, газ ва оби нӯшокӣ ҳуқуқ дода мешавад. Ҳамчунин, ШдМ барои равуои ройгон дар нақлиёти

ноҳиявӣ, байниноҳиявӣ, шаҳрӣ ва байнишаҳрии истифодаи умум (ба гайр аз таксӣ) ҳуқуқ дорад.[49]

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» маъюбӣ ба вазъи мураккаби ҳаётии воқеан халалрасонандаи фаъолияти муътадили ҳаётии шаҳрванд мансуб буда, дар алоқамандӣ бо он ШдМ тибқи қонун гирандагони хизматрасонии иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд.

Ба хизматрасонии иҷтимоӣ хизмати иҷтимоии рӯзгор, тиббӣ ва санаторӣ – солимгардонӣ, фарҳангӣ, фарогатӣ, ҳуқуқӣ, ҷисмонӣ – солимгардонӣ мансуб мебошанд. Хизматрасонии иҷтимоӣ метавонад ҳам музднок ва ҳам ройгон бошад.

Хизматрасонии ройгони иҷтимоӣ ба шахсони маъюбе, ки хешовандоне надоранд, ки тавонанд ба онҳо кӯмак ва нигоҳубинашонро таъин намоянд, расонида мешавад.[50]

---

[49] Моддаи 29, 30, 31 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон»
[50] Моддаи 19 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»

Аз ташкилотҳои ШдМ, ки на камтар аз 50% кормандонашонро маъюбон ва инчунин маъюбони гурӯҳҳои I ва II ташкил медиҳад, барои объектҳои ғайриманқул андоз ситонида намешавад.[51]

Маъюбони ҳамаи гурӯҳҳое, ки кор намекунанд, аз пардохти андози замин озод карда шудаанд, вале танҳо бо шарти мавҷуд набудани аъзои оилаи коршоям.[52]

Барои воситаҳои ғайриманқул – як хона ё квартира, ки ба номи маъюбони гурӯҳҳои I ва II, иштирокчиёни бартарафсозии оқибатҳои садамаи нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил ба қайд гирифта шудааст, андоз ситонида намешавад.[53]

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои дигар метавонанд имтиёзҳои иловагии ШдМ – ро вобаста ба пардохти манзили зист, хизматрасонии коммуналӣ, андозҳои маҳаллӣ ва дигар пардохтҳо муқаррар намоянд.

---

[51] Моддаи 278 Кодекси андози ҶТ
[52] Моддаи 274 Кодекси андози ҶТ
[53] Моддаи 278 Кодекси андози ҶТ

*Бояд донист, ки шахсони дорои маъюбӣ ҳуқуқ ба табобати ройгони санаторӣ – осоишгоҳӣ, ройгон дастрас намудани воситаҳои барқарорсозӣ (протезҳо, аробачаҳои маъюбӣ, асобағалҳо ва.м.и) дорувории ройгон (аз рӯи нишондодҳо), имтиёзҳо оид ба хизматрасонии коммуналӣ ва баъзе андозҳоро доранд.*

# III. ТАЪМИНОТИ НАФАҚА

## *3.1 Масъалаҳои умумӣ*

Нафақаҳои иҷтимоии таъиншуда, бозҳисобӣ ва аз як намуд ба намуди дигари нафақа гузаронидани он аз ҷониби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ба роҳ монда мешавад.

Барои таъини нафақаи иҷтимоӣ шаҳрванд бояд ба Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи ҷои истиқомат, ки дар он ҷо расман ба қайд гирифта шудааст, ариза пешниҳод намояд. Ариза дар муҳлати сӣ рӯз баъди ба қайд гирифтани он дида баромада мешавад. Агар ба шаҳрванд дар таъини нафақа ҷавоби рад дода шавад, вай ҳуқуқ

дорад, ки ба суд аризаи даъвогӣ пешниҳод намояд.[54]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини нафақа таъин карда мешавад:

- суғуртавӣ (меҳнатӣ);
- иҷтимоӣ.

Нафақаи суғуртавӣ (ё меҳнатӣ) – ин пардохти пулӣ ба шахси таъиншуда дар системаи суғуртаи давлатии нафақавии суғурташуда мебошад.[55]

Яъне, агар аз даромади меҳнатии корманд ҳаққи аъзогӣ ба суғуртаи нафақавӣ нигоҳ дошта шуда бошад, он вақт шахс дорои ҳуқуқ ба нафақаи суғуртавӣ ҳангоми мавҷуд будани собиқаи кории муайянро дорад.

Нафақаи суғуртавӣ дар навбати худ чунин тақсим мешавад:

- нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол;
- нафақаи суғуртавӣ вобаста ба маъюбӣ;

---

[54] Моддаи 32 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»

[55] Моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»

- нафақаи сугуртавӣ ҳангоми аз даст додани саробон.[56]

Нафақаи иҷтимоӣ – ин пардохти давлатии таъиншуда бо мақсади таъминоти иҷтимоӣ ва кӯмаки моддӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолие, ки ҳуқуқ ба гирифтани нафақаи сугуртавиро надоранд.[57]

Нафақаи иҷтимоӣ дар навбати худ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешавад:

- нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи синну сол;
- нафақаи иҷтимоӣ вобаста ба маъюбӣ;
- нафақаи иҷтимоӣ дар ҳолати аз даст додани саробон.[58]

Ба шахсоне, ки барои гирифтани якчанд намуди нафақа дар як вақт ҳуқуқ доранд, вобаста ба интихоби онҳо як намуди нафақа таъин карда мешавад.[59]

---

[56] Қисми 1 моддаи 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»
[57] Моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»
[58] Қисми 6 моддаи 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»
[59] Моддаи 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»

Таъини нафақаҳои иҷтимоӣ, бозҳисобӣ ва аз як намуд ба намуди диғари нафақа ғузаронидани онҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ – Ағентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи маҳаллӣ ба роҳ монда мешавад.

Айни замон андозаи нафақаи заминавӣ 156 сомониро ташкил медиҳад.[60]

Ҳуҷҷати асосии тасдиққунандаи собиқаи суғуртавӣ дар давраи фаъолияти корӣ то 1 январи соли 2013 дафтарчаи меҳнатии шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи собиқаи суғуртавӣ барои давраи баъд аз 1 январи соли 2013 маълумоти мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъминоти нафақа дар асоси маълумотномаи ҳисоби индивидуалии шахсии шахси суғурташуда (РМА – рақами мушаххаси андозсупоранда) ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади таъини нафақаи суғуртавӣ ба шахси суғурташуда ба ғайр аз дафтарчаи меҳнатӣ (нусхаи аслӣ), ҳамчунин ҳуҷҷат дар бораи бақайдгирӣ ба сифати шахси суғурташуда дар системаи суғуртаи

---

[60] Сарчашма: http://www.president.tj/ru/node/12042

нафақавии ҳатмӣ пешниҳод карда мешавад.[61]

*Барои ба расмиятдарории нафақа ба Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа муроҷиат намудан зарур аст.*

### *3.2 Нафақа вобаста ба маъюбият*

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани нафақаи сугуртавӣ (меҳнатӣ) вобаста ба маъюбӣ ва дар як вақт кор карданро маън накардааст.

Маъюбоне, ки кор мекунанд, новобаста аз гирифтани нафақа ҳуқуқ ба гирифтани тамоми намудҳои кӯмакпулиҳоро вобаста ба корношоямии муваққатӣ доранд.[62]

Нафақа бе маҳдудият, новобаста аз гирифтани музди меҳнат ё даромадҳои дигар пардохт карда мешавад.[63]

---

[61] Моддаи 18 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»

[62] Қисми 2 моддаи 29 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон»

[63] Қисми 3 моддаи 48 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», моддаи 35 Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони ҶТ»

Нафақаи суғуртавӣ оид ба маъюбӣ новобаста аз сабабҳои маъюбӣ, давом додани фаъолияти корӣ аз тарафи маъюб ва инчунин новобаста аз он ки маъюбӣ дар давраи кор, то оғоз кардан ба кор ё пас аз қатъ намудани кор ба вуҷуд омадааст, таъин карда мешавад.[64]

Нафақаи суғуртавӣ оид ба маъюбӣ ба гурӯҳҳои I, II ё III – маъюбӣ, ки аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ (Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи маҳаллӣ) бо дарназардошти дараҷаҳои аз даст додани коршоямӣ дар ҳолати наздик омаданашон таъин карда мешавад.

Барои таъини нафақаи суғуртавӣ вобаста ба маъюбӣ мавҷуд будани собиқаи суғуртавии (меҳнатӣ) на камтар аз 5 сол (60 моҳ) зарур аст.

Ариза дар бораи таъини нафақа бо замимаҳои зарурии ҳуҷҷатҳо ва шаҳодатномаи суғуртавии иҷтимоӣ бо нишон додани рақами мушаххаси ҳаммонанд (РММ) ба шахси суғурташуда шахсан ё тавассути корфармо ба мақомоти дахлдори Агентии

[64] Қисми 2 моддаи 15 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 12 январи соли 2010.

суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи маҳалли зисти шахси суғурташуда пешниҳод карда мешавад.

Муҳлати муроҷиат барои таъини нафақа як моҳ пеш аз пайдо шудан ё дар кадом вақте пас аз пайдо шудани ҳуқуқ барои гирифтани он муқаррар карда мешавад.[65]

Барои таъини нафақаи суғуртавӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намудан зарур аст:

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият;
- дафтарчаи меҳнатӣ ё ҳуҷҷатҳои дигари тасдиққунандаи собиқаи корӣ ва собиқаи суғуртавӣ;
- нусхаи шаҳодатнома дар бораи аз худ намудани рақами мушаххаси ҳаммонанд;
- дар ҳолатҳои зарурӣ дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқ ба нафақа[66]

Нафақаи суғуртавӣ оид ба маъюбӣ ба андозаҳои зерин таъин карда мешавад:

---

[65] Моддаи 41 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»
[66]Моддаи 41 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»

- ба маъюбони гурӯҳи I – 100 % қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ вобаста ба синну сол;
- ба маъюбони гурӯҳи II – 85 % қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ вобаста ба синну сол;
- ба маъюбони гурӯҳи III – 70 % қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ вобаста ба синну сол.

Қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ вобаста ба маъюбӣ аз андозаҳои зерин кам буда наметавонад:

а) бо назардошти собиқаи пурраи суғуртавӣ:

- ба маъюбони гурӯҳи I – 150 % андозаи муқарраргардидаи нафақаи заминавӣ;
- ба маъюбони гурӯҳи II – 125 % андозаи муқарраргардидаи нафақаи заминавӣ;
- ба маъюбони гурӯҳи III– 100 % андозаи муқарраргардидаи нафақаи заминавӣ;

б) бо назардошти собиқаи суғуртавии нопурра:

- ба маъюбони гурӯҳи I – 100 % андозаи муқарраргардидаи нафақаи заминавӣ;
- ба маъюбони гурӯҳи II – 85 % андозаи муқарраргардидаи нафақаи заминавӣ;

- ба маъюбони гурӯҳи III– 70 % андозаи муқарраргардидаи нафақаи заминавӣ.[67]

Имтиёзҳо ҳангоми баромадан ба нафақаи сугуртавиро (меҳнатӣ) шахсони гурӯҳҳои зерини дорои маъюбӣ доранд:

- шахсони бемори бемории гипофизарии (гадуди дарунӣ, ки ба инкишофи организм таъсир мекунад) паканагӣ ва паканаҳои номутаносиб: мардҳо – то расидан ба 48 солагӣ бо доштани собиқаи кории сугуртавии на камтар аз 20 сола (240 моҳ), занҳо– вобаста ба расидан ба синни 43 солагӣ бо доштани собиқаи кории сугуртавии на камтар аз 15 сола (180 моҳ);
- маъюбони гурӯҳи I аз рӯи биноӣ: мардон – аз рӯи расидан ба синни 53 солагӣ бо доштани собиқаи кории суғуртавии на камтар аз 15 сола (180 моҳ), занон – аз рӯи расидан ба синни 43 солагӣ бо доштани собиқаи кории суғуртавии на камтар аз 10 сола (120 моҳ);
- иштирокчиёни бартарафсозии оқибатҳои садамаи нерӯгоҳи барқи атомии

[67] Моддаи 25 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»

Чернобил: мардон – аз рӯи расидан ба синни 58 солагӣ бо доштани собиқаи кории сугуртавии на камтар аз 25 сола (300 моҳ), занон – аз рӯи расидан ба синни 53 солагӣ бо доштани собиқаи кории сугуртавии на камтар аз 20 сола - (240 моҳ).[68]

Занони дорои кӯдаки маъюб ва тарбияткунандаи он то синну соли 8 - солагӣ бо доштани собиқаи кории сугуртавии (меҳнатӣ) на камтар аз 20 сола (240 моҳ), барои баромадан ба нафақа дар 53 солагӣ ҳуқуқ доранд.[69]

Барои гирифтани нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ шахсони дорои маъюбие ҳуқуқ доранд, ки ба гирифтани нафақаи сугуртавӣ ҳуқуқ надоранд: маъюбони гурӯҳҳои I, II ва III, аз он ҷумла, маъюбон аз овони кӯдакӣ ва кӯдакони дорои маъюбии то 18 сола.

Номгӯйи нишондиҳандаҳои тиббии додани ҳуқуқ ба кӯдакони дорои маъюбии то 18 – сола барои гирифтани нафақаҳои

---

68 Банди «б, в, ғ» қисми 3 моддаи 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»
69 Банди «д» қисми 3 моддаи 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»

иҷтимоиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.[70]

Нафақаҳои иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ бо андозаҳои зерин таъин карда мешавад:

- ба маъюбони гурӯҳи I ва маъюбони гурӯҳҳои I ва II аз кӯдакӣ, кӯдакони дорои маъюбии то 18 сола – 100 % ба андозаи муқарраргардидаи нафақаҳои заминавӣ (в айни замон – 130 сомонӣ);
- ба маъюбони гурӯҳҳои II ва III, кӯдакони дорои маъюбии гурӯҳи III – 60 % ба андозаи муқарраргардидаи нафақаҳои заминавӣ (78 сомонӣ).

Хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро тибқи даъват хизмати ҳарбиро мегузаранд, вобаста ба маъюбии дар натиҷаи оқибатҳои ҷароҳатбардории ҳарбӣ нафақаи иҷтимоӣ ба андозаҳои зерин таъин карда мешавад:

- ба маъюбони гурӯҳҳои I ва II – ба андозаи 100 % ба андозаи нафақаҳои заминавӣ;

[70] Моддаи 30 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»

- ба маъюбони гурӯҳи III – ба андозаи 80 % ба андозаи нафақаҳои заминавӣ.[71]

Ба нафақаҳои суғуртавӣ (меҳнатӣ) ва давлатӣ аз ҳисоби воситаҳои буҷети давлатӣ иловапулии зерин пардохт карда мешавад:

а) ба андозаи 150 % нафақаи заминавӣ:

- ба иштирокчиён ва маъюбони амалиётҳои ҳарбӣ дар ҳудудҳои дигар давлатҳо;
- ба иштирокчиён ва маъюбони бартарафсозии оқибатҳои садама дар нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил ва дигар минтақаҳои сироятшудаи радиоактивӣ;
- ба маъюбони гурӯҳи I, ки маъюбии онҳо ҳангоми адои ухдадориҳои хизмати ҳарбӣ ба хизмати ҳарбии муҳлатнок даъват шудаанд;

в) ба андозаи 50 % нафақаи заминавӣ:

- ба маъюбони гурӯҳи I, ки кор намекунанд ва ба маъюбони гурӯҳҳои I ва II аз кӯдакӣ;
- ба кӯдакони маъюби то 18 сола;

---

[71] Модаи 31 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»

- ба маъюбони гурӯҳи II, ки кор намекунанд ва маъюбии онҳо ҳангоми уҳдадориҳои хизмати ҳарбии муҳлатнок даъват шудаанд, ба вуҷуд омадааст. [72]

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои сугуртавӣ ва давлатӣ» барои мисол нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ба маъюбони гурӯҳи 156 сомониро ташкил медиҳад, ки ба ин андоза иловапулӣ дар ҳаҷми 50% аз нафақаи заминавӣ – 78 сомонӣ зам мегардад. Ҳамагӣ нафақа ва иловапулӣ бояд ба андозаи 234 сомонӣ таъин карда шавад.

### *3.3 Нафақа вобаста ба аз даст додани саробон*

Аз даст додани саробон – дар алоқамандӣ ба фавти саробон ҳодисаи аз даст додани таъминкунандаи даромад аст, ки аъзои оилаи корношоям таҳти сарпарастии он буданд.[73]

[72] Модаи 39 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»
[73]Модаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»

Нафақа вобаста ба аз даст додани саробон ба даврае, ки дар давоми он аъзои оилаи қобилияти корӣ надошта ҳисобида мешаванд, таъин карда мешавад.[74]

Ба аъзои оилаи қобилияти коринадоштаи саробони фавтида инҳо эътироф карда мешаванд:

- кӯдакони ноболиғ, бародарон, хоҳарон ва наберагоне, ки волидайни коршоям надоранд, хонандагони шакли таълимии рӯзона дар муассисаҳои таҳсилотӣ новобаста аз ҳама гуна навъу шаклҳо ва новобаста аз шакли ташкилӣ – ҳуқуқии онҳо, ба ғайр аз муассисаҳои таҳсилотии маълумоти иловагӣ то анҷоми таҳсил дар онҳо, вале на зиёдтар аз то расидан ба синни 23 – солагӣ; ё аз ин синну сол калонтар, агар онҳо то расидан ба синни 18 – солагӣ маъюб шуда бошанд.
- падар ё модар, бобо ё бибӣ новобаста аз синну сол ва коршоямӣ ва ҳамчунин бародар, хоҳар ё кӯдаки фавтидаи саробон, ки ба синни 18 – солагӣ расида бошанд, агар онҳо барои нигоҳубини

---

[74] Қисми 3 моддаи 42 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»

кӯдакон, бародарон, хоҳарон ё набера-гони фавтидаи саробони ба синни 14 – солагӣ нарасида машгул бошанд ва дорои ҳуқуқ ба гирифтани нафақаи сугуртавӣ вобаста ба ҳолати аз даст додани саробон бошанд;

- волидайн ва ҳамсарони саробони фавтида, агар онҳо ба синну соли нафақа расида бошанд ё маъюб бошанд;
- бобо ва бибиҳои саробони фавтида, агар онҳо ба синну соли нафақа расида, аммо нафақаи сугуртавӣ намегиранд ё маъюб бошанд, ҳангоми мавҷуд набудани шахсе, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки онҳоро нигоҳубин намояд.[75]

Қонун 2 намуди нафақаро ҳангоми аз даст додани саробон пешбинӣ менамояд:

- Нафақаҳои сугуртавӣ вобаста ба аз даст додани саробон (вақте, ки саробони фавтида кор мекард ва дорои собиқаи зарурӣ буд( на камтар аз 60 моҳ).[76]

[75] Қисми 2 моддаи 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»
[76] Қисми 9 моддаи 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»

- Нафақаҳои иҷтимоӣ ҳангоми аз даст додани саробон (вақте, ки саробон кор намекард ё собиқаи зарурии кор надошт).

Нафақаҳои суғуртавӣ ҳангоми аз даст додани саробон ба андозаҳои зерин таъин карда мешавад:

- Ба кӯдакони то 18 – солаи аз падар ё модар маҳруммонда (хонандагони муассисаҳои таҳсилотии бо шакли таҳсили рӯзона то анҷом додани таҳсил дар он, вале на зиёдтар аз 23 – солагӣ) ба як кӯдак – 60 % (наздики 94 сомонӣ), ба ду кӯдак – 90 % (наздики 140 сомонӣ), ба се кӯдак ва аз он зиёд – 120 % (наздики 187 сомонӣ) андозаи нафақаҳои заминавии муқарраргардида;
- Ба кӯдаконе, ки ҳардуи волидайнашонро аз даст додаанд (хонандагони муассисаҳои таҳсилотии бо шакли таҳсили рӯзона то анҷом додани таҳсил дар он, вале на зиёдтар аз 23 – солагӣ), ба як кӯдак – 100 % (156 сомонӣ), ба ду кӯдак – 150 % (234 сомонӣ), ба се кӯдак ва аз он зиёд – 200 % (312 сомонӣ) андозаи нафақаҳои заминавии муқарраргардида.

# IV. ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶТ. ҚАРЗҲОИ ИМТИЁЗНОК

## *4.1 Соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Соҳибкорӣ – ин фаъолияти мустақилона, ки бо хавф ва таваккали бароҳмондаи шахсонест, ки тибқи тартиби муқаррааргардидаи қонун ба қайд гирифта шуда, барои гирифтани даромад аз истифодаи молу мулк, истеҳсолон, фурӯши маҳсулот (иҷрои корҳо ё расонидани хизмат) равона гардидааст.[77]

Дар Тоҷикистон шаклҳои зерини соҳибкорӣ мавҷуданд:

- бо ташкили шахси ҳуқуқӣ (ташкилот);
- бе ташкили шахси ҳуқуқӣ;
- бо истифодаи меҳнати кироя;
- бе истифодаи меҳнати кироя.[78]

---

[77] Модаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ» аз 26.07.2014 бо тағйиру иловаҳо аз 18.03.2015.

[78] Моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ»

Ба субъектҳои хурди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкории инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, даромади умумӣ, ки дар як сол то 500000 (панҷсад ҳазор) сомониро ташкил медиҳад, дохил мешавад.

Ба субъектҳои хурди соҳибкорӣ соҳибкории инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, ки фаъолияти зеринро ба роҳ мемонанд, дохил намешаванд:

- истеҳсоли маҳсулоти зераксизӣ;
- таҳвили арзизи аввалия;
- фаъолияти бонкӣ ва суғуртавӣ;
- фаъолияти алоқаманд бо идораи фондҳои инвеститсионӣ;
- фаъолияти касбӣ дар бозори қоғазҳои қимматнок.[79]

Фаъолияти инфиродӣ – ин шахсони ҳуқуқии фаъолияти соҳибкориро бе ташкили шахси ҳуқуқӣ (кадом як ташкилот) дар асоси патент ё шаҳодатнома ба роҳ мемонанд.[80]

---

[79] Моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ»

[80] Қисми17 моддаи 17 Кодекси андози ҶТ аз 17 сентябри соли 2012

Шаҳрвандон метавонанд ба фаъолияти инфиродӣ бе ташкили шахси ҳуқуқӣ аз вақти бақайдгирии давлатӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ машғул шаванд.[81]

*Барои он ки, ба сифати соҳибкории инфиродӣ ба қайд гирифта шавед, ба мақомоти андоз муроҷиат намоед.*

*Мақомоти андоз шахсро ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар муддати 3 рӯзи корӣ ба қайд мегирад.*

Бақайдгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ вобаста ба маҳали ба роҳ мондани фаъолияти инфиродии шахс анҷом дода мешавад.[82]

Барои ба қайдгирии шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкории инфиродӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) ариза ба номи бақайдгирии давлатии шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкории

[81] Моддаи 24 Кодекси граждании ҶТ
[82] Моддаи 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009

инфиродӣ аз рӯи шакли аз ҷониби мақомоти андоз тасдиқгардида.

Дар ариза маълумоти зерин нишон дода мешаванд:

- насаб, ном ва насаби шахси воқеӣ;
- суроғаи ҷои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (суроға,ки тибқи он соҳибкорӣ инфиродӣ ба қайд гирифта шудааст), суроғаи ҷои зисти муваққатӣ ва ҷои фаъолияти инфиродӣ, ки ба роҳ монда мешавад, маълумот барои алоқаи шахси воқеӣ;
- рақами мушаххаси андозсупорандаи (РМА) шахси воқеӣ;
- намуди асосии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки шахси воқеӣ хоҳиши ба он машғул шуданро дорад;
- санаи пешниҳоди ариза ва имзои аризадиҳанда.

2) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахси воқеӣ ва инчунин ду дона расми андозааш 4х6;

3) нусхаи сертификати ҳуқуқ ба истифодаи замин ё нусхаи қарор дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин дар ҳолати

бақайдгирии хоҷагиҳои инфиродӣ ва оилавии деҳқонӣ (фермерӣ), рӯихати аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), рақамҳои мушаххаси андозсупорандагон барои ҳар як нафари онҳо;

4) нусхаи ҳуҷҷат, ки дар асоси он ба шахси воқеии хориҷӣ будубош ва ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон (рухсатнома, корти бақайдгирӣ, намуд барои истиқомат) иҷозат дода шудааст;

5) квитансия оид ба пардохти боҷи давлатӣ ва (ё) квитансия дар бораи пардохти пешмузди арзиши Патент барои ҳуқуқ пайдо намудан ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ барои шумораи моҳҳои муайян (муҳлати амали Патент) – барои шахсоне, ки хоҳиши дастрас намудани Патентро барои ҳуқуқи ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ доранд.[83]

*Бақайдгирии давлатӣ аз рӯи принсипи «Равзанаи ягона».*

Барои бақайдгирии шахсон ба сифати соҳибкории инфиродӣ принсипи «равзанаи ягона» ҳамчун як шакли бештар

---

[83] Моддаи 22 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»

сабуктари бақайдгирии соҳибкории инфиродӣ истифода бурда мешавад.

Бақайдгирии давлатӣ аз рӯи принсипи «равзанаи ягона» - ин маънои онро дорад, ки барои бақайдгирии давлатӣ аризадиҳанда ҳуҷҷатҳои заруриро танҳо ба як мақомоти бақайдгирандаи (мақомоти андоз) ҷои истиқомати (фаъолият) соҳибкори инфиродӣ пешниҳод менамояд.

Маълумот дар бораи бақайдгирӣ дар Рӯйхати ягонаи давлатӣ ворид карда мешавад, вале ба соҳибкори инфиродӣ Рақами мушахасси андозсупоранда, ки барои ҳар як соҳибкори инфиродӣ беҳамто аст, дода мешавад.[84]

Барои бақайдгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ ба андозаҳои зерин боҷи давлатӣ ситонида мешавад:

- барои бақайдгирии давлатии шахсон ба сифати соҳибкории инфиродӣ, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси Шаҳодатнома ба роҳ мемонанд – ба андозаи 2 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (100 сомонӣ);

---

[84] Моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»

- барои бақайдгирии давлатии шахсон ба сифати соҳибкории инфиродӣ, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси Патент ба роҳ мемонанд – ба андозаи 1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (50 сомонӣ).[85]

*Патент ва Шаҳодатнома барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ*

Шахс метавонад фаъолияти соҳибкории инфиродиро дар асоси Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкории инфиродӣ ё Патенти ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба роҳ монад.

*Патент* – ин ҳуҷҷатест, ки дар бораи бақайдгирии шаҳрванд ба сифати соҳибкори инфиродӣ шаҳодат медиҳад ва ба ӯ ҳуқуқ медиҳад, ки фаъолияти муайяни соҳибкориро тибқи пешбинии патент ба роҳ монад.

Дар ҷараёни давраи мӯҳлат, ки дар ин муддат барои Патент пардохт карда шудааст, Патент эътибор дорад. Патент ба

---

[85] Банди 3, 4 қисми 5 моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи боҷи давлатӣ»

соҳибкори инфиродӣ ба мухлати бе маҳдуд дода мешавад ва амали он бо ҳуҷҷат дар бораи ворид намудани пардохти пешакӣ барои Патент дар давраи муайян тасдиқ карда мешавад. Ҳуқуқ барои фаъолият аз рӯи Патент танҳо ба соҳибкор, ки он ба ӯ дода шудааст, тааллуқ дорад.

Патент, дар вобастагӣ ба дараҷаҳои он, барои машгул шудан танҳо ба он намудҳои гурӯҳҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва дар он минтақа, ки дар он нишон дода шудааст ва ҳамчунин дар он давраи вакт, ки барои он ба буҷа барои Патент пардохт карда шудааст, ҳуқуқ медиҳад.

Соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси Патент кор мекунанд, коргарони кирояро ҷалб карда наметавонанд ва бояд фаъолияташонро мустақилона ба роҳ монанд, ҳамчунин фаъолияти иқтисодии берунаро бурда наметавонанд.

Дар давоми соли тақвимӣ маҷмӯи даромади соҳибкорони инфиродӣ, ки речаи патентро истифода мебаранд, аз 100 ҳазор сомонӣ зиёд буда наметавонад.

Шахсоне, ки фаъолияти соҳибкории инфиродиро дар асоси Патент ба роҳ мемонанд, вазифадор нестанд, ки дар фаъолияти

худ машинаҳои назоратӣ – хазинавиро истифода баранд.

Пардохт барои Патент пардохти бақайдгирифташуда ба ҳисоб рафта, андоз аз даромад ва андози иҷтимоиро дар бар мегирад.[86]

*Шаҳодатнома* ҳам ба монанди Патент ҳуҷҷатест, ки дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкории инфиродии бе ташкили шахси ҳуқуқӣ (бе ташкили кадом як муассиса ё ташкилот) шаҳодат медиҳад.

Шаҳодатнома ҳамчунин ба соҳибкори инфиродӣ аз ҷониби мақомоти андози ҷои истиқомат (ҷои бақайдгирифташуда) дода мешавад. Шаҳоданома дар бораи бақайдгирӣ ба сифати соҳибкории инфиродӣ ба соҳибкори инфиродӣ ба муҳлати номаҳдуд (бе маҳдудияти муҳлати амал) барои ба роҳ мондани тамоми намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо ҳуқуқи кироягирӣ коргар, аз он ҷумла фаъолияти иқтисодии беруна, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, дода мешавад.

[86] Моддаи 284 Кодекси андози ҶТ

Дар вақти гузаронидани ҳисобҳои нақдӣ – пулӣ соҳибкори дар асоси Шаҳодатнома амалкунанда уҳдадор аст, ки мошинаҳои назоратӣ – хазинавии бо хотираи даромадро истифода барад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна бартарият доранд:

- хоҷагии қишлоқ;
- истеҳсол ва коркарди маҳсулот, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти истеъмолии аҳолӣ, маҳсулоти озуқаворӣ ва саноатӣ;
- сохтмон, аз он ҷумла сохтмони роҳҳо, пулҳо ва НБО – и хурд;
- партовҳои саноатӣ ва боқимондаҳои маишӣ;
- хоҷагии манзилӣ – коммуналӣ;
- ташкили омӯзиши касбҳои техникӣ;
- туризм;
- фаъолияти инноватсионӣ.

Дар соли 2015 Фонди давлатии дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кӯмаки молиявиро ба соҳибкорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерасонад, ташкил ёфт.

Соҳаи асосии фаъолияти Фонд таъмини молиявии барномаҳо, лоиҳаҳо ва чорабиниҳо дар самти дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷ аз он ба ҳисоб меравад.

*Суроғаи ҳуқуқии Фонд: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 44.*[87]

Барои огоз намудани кори худ ба фондҳои қарздиҳии хурд ва ташкилотҳои қарздиҳандаи хурд муроҷиат кардан мумкин аст, ки баъзе аз онҳо дорои фаъолияти ба самти иҷтимоӣ равонагардида мебошанд ва қарзҳои имтиёзнокро ба гурӯҳҳои муайяни осебпазири аҳолӣ пешниҳод менамоянд. Аммо, чунин намуди қарзҳо бо фоиз дода мешаванд, ки ин қарзҳоро дар муҳлати муайянгардида, ки дар шартнома дарҷ карда мешавад, баргардонидан зарур аст.

Ҳамчунин, имконият ҳаст, ки ба мақомоти Агентии меҳнат ва шугли аҳолии ҷои истиқомат, ки ба гайр аз ба қайд

[87] Қоидаҳо дар бораи Муассисаи давлатии «Фонди давлатии дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон». Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 феврали соли 2015, №62 тасдиқ шудааст.

мондани бекорон пешниҳоди қарзҳои имтиёзнокро барои рушди соҳибкории хурд ба роҳ мемонад, муроҷиат намудан мумкин аст.

***4.3 Қарҳои имтиёзнок, ки аз ҷониби Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода метавад.***

Мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ карданро доранд ва ба синни 18 – солагӣ расида, ҳамчун шахси бекор ба қайд гирифта шудаанд, кӯмаки молиявӣ мерасонад.

Кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекор аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолии ҷои истиқомат расонида мешавад.

Мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ бояд чорабиниҳои фаҳмондадиҳиро дар бораи шартҳои гирифтани кӯмаки молиявӣ миёни шаҳрвандони бекор мунтазам баргузор намояд.

Шаҳрвандоне, ки асосҳои фаъолияти соҳибкориро дар ташкилотҳои таълимӣ тибқи роҳхатҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ омӯхтаанд, ё шаҳрвандоне, ки аз оилаҳои камбизоат мебошанд, дар дастрасӣ ба кӯмаки молиявӣ бартарият доранд.

Барои гирифтани кӯмаки молияви (қарзҳои бе фоиз) шаҳрвандони бекоре, ки дар мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд ва шахсони корҷӯй бояд ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолии маҳали ҷои истиқомат ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд:

- ариза ба номи роҳбари мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолии маҳали ҷои истиқомат;
- нақшаи тиҷоратӣ;
- маълумот дар бораи маҷмӯи даромади оила;
- асосҳои техникӣ – иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ;
- шаҳодатномаи давлатии мақомоти суғурта;
- маълумот (декларатсия) аз мақомоти андоз дар бораи молу мулк ва даромадҳо.[88]

---

[88] Бандҳои 7, 8, 9, 27 Қоидаҳои пешниҳоди хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба бекорон ва муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ карданро доранд, аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шугли аҳолӣ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006,

Ба шаҳрвандони бекоре, ки ба онҳо кӯмаки молиявӣ расонида мешавад, мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо онҳо шартнома мебандад, ки дар он ухдадориҳои тарафҳо, ҳаҷми кӯмаки молиявӣ, мухлат ва тартиби баргардонидани он нишон дода мешавад. Бо мақсади таъмини баргардонидани кӯмаки молиявӣ мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо шаҳрвандони бекор дар бораи гарав шартнома мебандад. Арзиши молу мулке, ки ба гарав гузошта мешавад, бояд 2 маротиба аз ҳаҷми кӯмаки молиявӣ зиёд бошад.

Ҳаҷм ва мухлати баргардонидани кӯмаки молиявӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин муайян карда мешаванд:

- барои фаъолияти тиҷоратӣ дар ҳаҷми – 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (5000 сомонӣ), ба мухлати то як сол;

---

№62 ба тасвиб расидааст (дар таҳрири қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06 соли 2007., №366, аз 1.08 соли 2008., №386, аз 2.12 соли 2008., №613, аз 27.02 соли 2009., №136, аз 1.04 соли 2011., №184, аз 01.03 соли 2012., №111, аз 05.11 соли 2014., №707)

- барои фаъолияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар ҳаҷми то 130 нишондиҳандаҳо барои ҳисобҳо (то 6500 сомонӣ), ба мухлати то як сол;
- барои фаъолияти истеҳсолӣ дар ҳаҷми то 180 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (то 9000 сомонӣ), ба муҳлати то 1 солу 6 моҳ.

Дар ҳолатҳои фавқулодда (рафънопазир) муҳлати барғардонидани кӯмаки молиявӣ дар мувофиқа бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе таъини ҷарима ба муҳлати як сол тамдид карда мешавад.[89]

*Барои гирифтани қарзҳои имтиёзнок ҷиҳати фаъолияти соҳибкорӣ шахси бекор метавонад ба Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ муроҷиат намояд.*

***Намунаҳои ҳуҷҷатҳо барои гирифтани қарзҳои имтиёзнокро аз Агентии меҳнат ва шуғли аҳолиро дар Замимаи № 2 нигаред.***

[89] Банди 11, 12, 13, 16, 22 Қоидаҳо

# V. ГРАНТҲО БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

### *5.1 Ҳаҷм ва тартиби гирифтани грант*

Аз 2 ноябри соли 2015, №645 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2016 – 2020» ба тасвиб расидааст.

Аз чунин грантҳо заноне, ки аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ озод шуда, пас аз баромадан ба озодӣ ба масъалаҳои бокортаъминшавӣ мувоҷеҳ шудаанд, истифода бурда метавонанд.

Мувофиқи ҳуҷҷати мазкур муқаррар гардидааст, ки аз соли 2016 то соли 2020 ҳар сол 80 гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон таъсис дода шавад, аз он ҷумла:

- 20 грант дар ҳаҷми 40 000 (чил ҳазор) сомонӣ;
- 20 грант дар ҳаҷми 30 000 (сӣ ҳазор) сомонӣ;

- 20 грант дар ҳаҷми 20 000 (бист ҳазор) сомонӣ;
- 20 грант дар ҳаҷми 10 000 (даҳ ҳазор) сомонӣ.

Ҳамин тариқ дар соли 2017 – ум 80 занони соҳибкор аз тамоми минтақаҳои Тоҷикистон грантҳои Президентӣ мегиранд. Грантҳо бо мақсади рушд ё таъсиси тиҷорати хурд ва миёна, ҷойҳои кории нав барои занони мамлакат дода мешаванд. [90]

Қабули ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмун пас аз дарҷи эълон дар васоити ахбори омма оғоз мегардад.

Аризаҳои барои иштирок дар озмун пешниҳодгардида аз ҷониби Комиссия дар муҳлати ду моҳ пас аз ба анҷом расидани муҳлати қабули ариза дида баромада мешавад. Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи лоиҳавии грантҳои занони соҳибкори инфиродӣ, ки аз озмун нагузаштаанд, баргардонида намешавад.

[90] https://news.tj/ru/news/tajikistan/economic/20170704/80-predprinimatelnits-tadzhikistana-poluchat-prezidentskie-granti

Аризаҳое, ки бо намунаҳои пешниҳодгардида ба расмиёт мувофиқат намекунанд, аз ҷониби Комиссия дида баромада намешаванд.

Танҳо 80 (ҳаштод) лоиҳаи беҳтарини грантӣ маблаггузорӣ карда мешавад. Ҳаҷми грант мувофиқи харҷномаи воқеӣ ва корҳои банақшагирифташуда муайян карда мешавад.

Миёни Кумитаи кор бо занон ва оила ва занон – соҳибкорони инфиродӣ, ки лоиҳаҳои грантии онҳо голиб дониста шудааст, шартномаи дуҷониба дар бораи татбиқи лоиҳаи грантӣ, ки дар он уҳдадориҳои тарафҳо ва шартҳои маблаггузории лоиҳа муайян карда шудааст, баста мешаванд.

Ҳангоми дида баромадани лоиҳаҳои грантӣ ба лоиҳаҳои занони дорои имкониятҳои маҳдуд ё лоиҳаҳои ба таъминоти шугли чунин занон равонагардида бартарият дода мешавад.

Муҳлати татбиқи ҳар як лоиҳа на камтар аз шаш моҳро ташкил медиҳад.

Дар ҳолати иҷро накардани лоиҳа вобаста ба сабабҳои узрнок, дар асоси муроҷиати хаттии гирандаи грант Кумита мумкин аст, ки муҳлати татбиқи онро тамдид намояд.

Гирандаи грант ухдадор аст, ки дар муҳлати на кам аз ду сол ба Кумита дар бораи давом додани фаъолияти соҳибкории худ маълумот пешниҳод намояд.

Дар ҳолати истифодаи ғайримақсадноки воситаҳои грантӣ ё татбиқ нашудани лоиҳавии грант, воситаҳо пурра ба буҷаи давлатӣ баргардонида мешавад.

Занон – соҳибкорони инфиродӣ, ки грант гирифтаанд, ҳуқуқ надоранд, ки дар чор соли минбаъда дар озмунҳо иштирок намоянд.[91]

*Барои заноне, ки мехоҳанд фаъолияти соҳибкорӣ намоянд, грантҳои Президентӣ таъсис дода шудааст. Барои он ки оид ба озмун барои гирифтани грантҳои Президентӣ муфассал донистан хоҳед, ба Кумитаи кор бо занон ва оила мурочиат намудан зарур аст.*

[91] Қоидаҳои ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2016 – 2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2015, №645 тасдиқ шудааст.

***Намунаҳои аризара дар Замимаи № 3 ба Дастури мазкур дар охири маҷмӯа нигаред.***

### *5.2 Таърихи бобарор*



*Аз ҷои маҳрумият аз озодӣ озод гардида, Атмия Азимоваи 41 – сола пас аз баромадан ба озодӣ аз рӯи авфи ба муносибати 20 – солагии Конистутсияи мамлакат, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардида буд, барои дарёфти гранти президентӣ муваффақ шуда, тавонист, ки сехи дӯзандагии хусусии худро кушояд. .*

*Боре Атмия фаҳмид, ки Президенти мамлакат бо мақсади дастгирӣ ва рушди соҳибкории занон ва ҳамчунин таъсис додани*

*ҷойҳои нави корӣ барои занон грантҳои бебозгаштро таъсис додааст. Бо ҳуқуқшиноси утоқи Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният дар вилояти Суғд Зафар Ахмсдов маслиҳат намуда, ӯ қарор дод, ки вобаста ба ташкили ссхи дӯзандагӣ ва таъсис додани ҷойҳои нави корӣ барои занони аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ озодгашта лоиҳа нависад. Охир Атмия ин соҳаро на аз рӯи шунидаш медонист. Бибии ӯ дӯзандаи касбӣ буд ва вай аз овони хурдӣ дар атрофи мошинаи дарздӯзӣ мегашт. Баъдан Атмия худаш курси либосбурӣ ва чвариро ба анҷом расонида, дӯзандагии бисёр хуброё ёд гирифт.*

*Атмия бозори рақобат ва талаботи ин ва ё он маҳсулот, масъалаҳои интихоби кадрҳоро омӯхта баромада, ва дар анҷом қоидаҳои коркарди нақшаи тиҷоратиро аз худ кард. Ҳарчанд дар нақшаи тиҷоратиаш ҳатто маблағи камро нишон дода бошад ҳам, вай ғолиби озмун ва гирандаи гранти президснтӣ дар ҳаҷми 10 ҳазор сомонӣ (аз рӯи чснаки соли 2015 қариб 1300 $ ) гардид.*

*- Ман, ба Сарвари давлат сипосгузорам, барои он ки вай занонсро дастгирӣ мснамояд, ки мсхоҳанд тиҷорати оғознамудаи худро санҷанд. Ин грант хсло айни муддао буд. Ба ғайр аз ду мошинаи худам ман боз ду мошинаи*

*дигар харида, корхонаи хурди «Умедбахш» - ро таъсис додам –нақл мекунад – Атмия.*

*Мақомоти маҳаллии давлатӣ дар меҳмонхонаи «Ленинобод» - и шаҳри Хуҷанд ба ин зан утоққҳои корӣ ҷудо намуданд. Ҳамчунин, роҳбарияти меҳмонхона Атмияро ҳамаҷониба дастгирӣ мекард. Вай қарор қабул кард, ки пеш аз ҳама ба кор занони аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ озодшударо, ки бисёре аз онҳо пас аз озодшавӣ ба монанди ӯ дар вақташ дар чорроҳаи зиндагӣ бо масъалаҳои зиёди иҷтимоӣ, равонӣ ва моддӣ рӯ ба рӯ гардида буданд, қабул намояд. Онҳо ҳатто аз гузаштаи худ дар озодӣ ба бадбинии ҷамъиятӣ ва дурӣ аз он беэътиноӣ дида, ба табъиз ва пастзанӣ дучор мешуданд.*

*Оҳиста – оҳиста тиҷорати Атмия рушд карда, дастаи ӯ меафзуд ва номгӯи маҳсулоти тайёрнамудаашон низ зиёд мегардид. Аз рахти хоб оғоз намуда, акнун занҳо кӯрпаҳо ва дигар намуди маснуотро аз матоъҳои пахтагини истеҳсоли ватанӣ медӯзанд. Маснуоте, ки дастаи Атмия истеҳсол мекунад, нисбатан арзон ва бинобар ин дорои талабот буда, дар бозор хело зуд ба савдо меравад. Харидорони асосии маҳсулоти онҳо Беморхонаи маркази вилояти Суғд, Табобатгоҳи маркази шаҳри Хуҷанд, беморхонаҳои*

*ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Исфара ба ҳисоб меравand.*

*Айни замон дар сехи дӯзандагӣ 6 чевари моҳир, ки онҳо низ пеш суд шудаанд, кор мекунанд. Чанде пеш Атмия бо роҳбари ҷамъияти кару гунгҳои шаҳри Хуҷанд дар бораи ҷалби шаш нафар зани ин ҷамъият ба кор шартнома баст. Вай қайд менамояд, ки шахсони кару гунг на танҳо шахсони хушрафтор, балки боз чеварони дастонашон тилло буда, донандаи сирри касби худ мебошанд.*

*Ин соҳибкорзан мехоҳад, ки доираи фаъолияти худро васеъ намуда, дар оянда на танҳо занон, балки ҳамчунин мардонеро, ки аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ маҳрум шудаанд, ба кор қабул намояд. Ба ғайр аз ин, ӯ мехоҳад, ки ба роҳбарияти муассисаи пенитентсиарӣ пешниҳод намояд, ки сехҳои дӯзандагӣ ва косибиро дар ҳамаи колонияҳо таъсис дода, мардон ва занони маҳкумшударо бо кор таъмин намоянд.* [92]

[92] Сарчашма: http://www.ferganannews.com/articles/9431

# VI. ҚАРЗҲОИ ИМТИЁЗНОК БАРОИ МАНЗИЛ

***6.1 Асосҳои қонунгузории қарзҳои имтиёзнок барои манзил (қарздиҳӣ бо байъи ҷоиз (ипотекӣ).***

Дар Тоҷикистон дар соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» қабул шудааст.

Мутобиқ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ипотека ғарави молу мулки ғайриманқули аз қайди давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун эътирофгардида дониста мешавад.[93]

Ипотека таҳти қайди давлатӣ дар Феҳристи ягонаи давлатии молу мулкии ғайриманқул ва ҳуқуқ ба он бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқ ба он» қарор дорад.[94] Бақайдгирӣ аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

Мувофиқи моддаи 7 Қонуни мазкур «Воситаҳои ипотекӣ мумкин аст ҳуқуқ ба

---

[93] Моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ипотека»

[94] Моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи ипотека»

шахсӣ ё ҳуқуқи дигар ба ашё барои молу мулки ғайриманқул бошад»:

а) бино, иншот ва дигар воситаҳои ғайриманқули истифодашаванда дар фаъолияти соҳибкорӣ;

б) хонаҳои истиқоматӣ, ҳуҷраҳо дар хонаҳои бисёрошёнагӣ ва/ё қисми хонаҳо ва ҳуҷраҳои аз як ё якчанд ҳуҷраҳои ҷудокардашуда иборатбуда;

в) дачаҳо, хонаҳои боғот, гаражҳо ва дигар сохтмонҳои таъиноташон истеъмолӣ;

г) дигар воситаҳои ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатдошта ба воситаҳои ғайриманқул, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонун муқаррар кардааст.

> *Қарзҳои ипотекӣ ба шахсоне, ки ҳуҷраҳо (хона) ба даст овардан мехоҳанд, ки нархи он аз андозаи ҷамъовардаи онҳо зиёд мебошад, зарур аст. Қарзҳои ипотекӣ ба шахс имконият медиҳад, ки ба ҳуҷраи (хона) худ маскун шавад, ҳатто ҳангоми мавҷуд набудани воситаҳои зарурӣ барои харидорӣ намудани он.*[95]

---

[95] Ипотека дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саволҳо ва ҷавобҳо, Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ

Айни замон қарздиҳии ипотекие, ки бонкҳои Тоҷикистон пешниҳод менамоянд, як қатор камбудиҳои ҷиддӣ доранд: фоизҳои баланд, муҳлати кӯтоҳ, ҳаққулузвияти ибтидоии калон.

Ҳаққулузвияти ибтидоӣ (ҲИ) – ин қисми арзиши ҳуҷраҳои (хона) ба даст овардашуда, ки аз ҳисоби шахсии воситаҳои харидор пардохт карда мешавад. Бонкҳо одатан қарзҳоро ба ҳамаи арзиши ҳуҷраҳои (хона) ба даст овардашуда пешниҳод наменамоянд. Онҳо дар он манфиатдоранд, ки қисми арзиши харид аз ҳисоби андӯхтҳои шахсӣ аз ҷониби харидор пардохт карда шавад. Талабот ба андозаи ҲИ фарқият дорад. Агар баъзе бонкҳо ҲИ – ро ба андозаи 30% аз арзишаш талаб намоянд, он вақт бонкҳои дигар ба он розӣ мешаванд, ки ҲИ ҳамагӣ 5 – 10% - ро аз арзиши ҳуҷра (хона) ташкил диҳад.96

(IFC), бо дастгирии молиявии Ҳукумати Нидерландия, соли 2009.

[96] Ипотека дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саволҳо ва ҷавобҳо, Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ

*Хизматрасонӣ оид ба қарздиҳии ипотекӣ барои харидории манзилро аз тарафи баъзе аз бонкҳои Тоҷикистонро дар Замимаи №4 нигаред.*

## ЗАМИМАҲО

***ЗАМИМАИ 1. Ариза барои гирифтани роҳхат ба табобати санаторӣ – осоишгоҳӣ. Замимаи 1 ба Тартиби таъминоти маъюбон ба табобати санаторӣ – осоишгоҳӣ.***

**Ариза барои дастрас намудани роҳхат ба табобати санаторӣ – осоишгоҳӣ** *(ариза ба Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад)*

Фамилия ---------------------------------------------
Ном ---------------------------------------------------
Насаб ------------------------------------------------
Соли таваллуд ------------------------------------
Маъюбӣ --------------------------------------------
Суроға ----------------------------------------------

---

(IFC), бо дастгирии молиявии Ҳукумати Нидерландия, соли 2009.

Рақами телефон ----------------------------------------

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ман роҳхат барои табобати санаторӣ – осоишгоҳӣ ҷудо намоед.

Нусхаҳои ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд:

1) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти аризадиҳанда (барои кӯдакони маъюб – нусхаи шаҳодатнома дар бораи таваллуд ва нусхаи ҳуҷҷати муқарраркунандаи шахсияти намояндаи ҳуқуқии ӯ);
2) нусхаи варақаи санаторӣ – осоишгоҳии аз ҷониби Маркази саломатии ҷои зисти маъюб додашуда;
3) нусхаи маълумоти навбатӣ дар бораи маъюбӣ ва нусхаи барномаи инфиродии барқарорсозии маъюбон.

"--"---------соли 20 ------------------------------------
(аризаи шахси аризадиҳанда ё шахси аризаро пешниҳодкунанда)

Ҳаққонӣ будани нусхаҳои ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи аризадиҳандаро тасдиқ мекунам:

(Фамилия, ном ва вазифаи шахси аризаро қабулкунанда)
"--"-------соли 20   -------------------

***ЗАМИМАИ 2. Ариза барои гирифтани кӯмаки молиявӣ ва намунаи нақшаи тиҷоратӣ.***

**Замимаи 1 ба** Қоидаҳои пешниҳоди хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба бекорон ва муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ карданро доранд, аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ **(БАРОИ ГИРИФТАНИ ҚАРЗҲОИ ИМТИЁЗНОК БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ)**

Рақами бақайдгирӣ ______________________.

Ба сардори______________________________(мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ)

___________________________________ (ф.н.н)

**Ариза барои гирифтани кӯмаки молиявӣ**

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки имконияти ба ман расонидани кӯмаки молиявиро дар ҳаҷми ___________________________ ба муҳлати _________ дида бароед _____________________

Маблағи пурсидашуда барои
_________________________________зарур
аст_________________________________
_____________________________________

Суроғаи ва воситаҳои алоқаи ман
_____________________________________
_____________________________________
_____________________________________

"___ "___________ соли 200__.

_______________________

(Ф.Н.Н.) ______________________ (имзо)
Қарори комиссия оид ба пешниҳоди кӯмаки молиявӣ аз "___" соли 20__ .

_____________________________________

(имзо) (ФНН – и раиси комиссия)

_____________________________________

(имзо) (аъзои комиссия)

_____________________________________

(имзо) (аъзои комиссия)

_____________________________________

(имзо) (аъзои комиссия)

**<u>Замимаи 2</u>** Қоидаҳои пешниҳоди хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба бекорон ва муҳоҷирони меҳнатии ба ватан барғашта, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ карданро доранд, аз ҷониби мақомоти меҳнат ва

шуғли аҳолӣ **(БАРОИ ГИРИФТАНИ ҚАРЗҲОИ ИМТИЁЗНОК БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ).**

ГУРӮҲИ № _____

НАҚШАИ ТИҶОРАТӢ

1. Номи лоиҳа

___________________________________________

1.2 Дарҷи мавзӯъ ва мақсади"Нақшаи тиҷоратӣ"

___________________________________________

___________________________________________

2. Маҳалли татбиқи "Нақшаи тиҷоратӣ"

___________________________________________

___________________________________________

3. Санаи оғози лоиҳа

___________________________________________

___________________________________________

4. Маълумоти иловағӣ

___________________________________________

___________________________________________

5. Тавсифи кӯтоҳи маҳсулот (хизматрасонӣ)

___________________________________________

___________________________________________

5.1. Таҷрибаи шахси бекор дар тиҷорат ва тахассуси ӯ

___________________________________________

___________________________________________

6. Нақшаи молиявӣ ва талабот барои гирифтани қарзи зарурӣ

______________________________________

______________________________________

7. Сарчашмаи таъмини бозгардонидани қарз ________________________________

______________________________________

______________________________________

8. Маълумот дар бораи шахси қарзгиранда

______________________________________

______________________________________

9. Фамилия, ном ва сурога:

______________________________________

***ЗАМИМАИ 3. Намунаи ариза барои иштирок дар озмуни грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирӣ ва рушди соҳибкории занон барои солҳои 2016-2020.***

***1. маълумот дар бораи соҳибкор***

1.1. Фамилия, ном, насаби (агар насаб мавҷуд боша) соҳибкор, хулоса

1.2. Сурога, рақами телефон, факс, почтаи электронӣ

1.3. Ҳуҷҷатҳои расмии тасдиққунандаи фаъолияти соҳибкорӣ (нусха)
1.4. Маълумот дар бораи суратҳисоб дар бонк ва қарздорӣ
1.5. Маълумот аз нозироти андоз дар бораи мавҷуд набудани қарздорӣ ва уҳдадориҳо
1.6. Маълумот аз ҷои истиқомат, нусхаи шиноснома
1.7. Маълумоти мухтасар дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ:
- оғози фаъолияти соҳибкорӣ;
- самтҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ

***2. Маълумот дар бораи лоиҳа***
2.1. Номи лоиҳа
2.2. Тавсифи лоиҳа ва асосноккунии масъалаҳо
2.3. Мақсади лоиҳа (мақсад бояд воқеӣ бошад)
2.4. Вазифаҳои лоиҳа
2.5. Мухлати татбиқи лоиҳа(на кам аз шаш моҳ)
2.6. Маблағи пурсидамешуда
2.7. Маҳали татбиқи лоиҳа
2.8. Саҳми соҳибкор
2.9. Буҷаи лоиҳа дар барномаи ExceL
2.10. Натиҷаҳои чашмдошти дар татбиқи лоиҳа

Эзоҳ: Лоиҳаҳои грантӣ ба Комиссия дар шаклҳои чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешаванд.

***3. Нақшаи татбиқи лоиҳа***

| № | Номгӯй чорабинӣ | Мухлати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1 | | | |
| 2 | | | |
| 3 | | | |

4. ***Ташкилотҳо ва бонкҳое номбар кунед, ки Шумо мурочиат намудаед ё ба нақша гирифтаед, ки барои гирифтани кӯмаки молиявӣ барои татбиқи лоиҳаи мазкур мурочиат хоҳед кард.***

5. ***Оё Шумо таҷрибаи истифодаи воситаҳои молиявии грантиро? Агар ҳа, кӯтоҳ онро дарҷ кунед.***

***ЗАМИМАИ 4. Хизматрасонӣ вобаста ба қарздиҳии ипотекӣ барои харидории манзил аз ҷониби баъзе аз бонкҳои Тоҷикистон.[97] (Бонки якуми қарзии хурди Тоҷикистон)[98]***

***Мақсад***

Қарзҳо барои хариди манзил ба ҳар як мизоҷи дорои даромади зарурӣ барои бозгардонидани қарз пешниҳод карда мешавад. Ин қарзҳо метавонанд барои хариди хонаи нав/ҳуҷраҳо дар ҳудуди Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

**Хислатномаи маҳсулот**

| | |
|---|---|
| **Андозаи минималии қарз** | 1000 сомонӣ / 200 доллари ИМА |

[97] Маълумот бо мақсади шиносоӣ пешниҳод мегардад. Муаллифони Дастур барои пешниҳод ва хизматрасонии бонкҳои қарзҳои ипотекиро пешниҳодкунанда ва дигар намуди қарзҳо ва барои истифодаи хизматрасонии бонкҳо аз ҷониби хонандагони Дастур масъулиятро бар дӯш надоранд.

[98] Источник: http://fmfb.com.tj/ru/Individuals/loans/housing-loans/home-apartment-purchase/

| | |
|---|---|
| **Андозаи баландтарини қарз** | 300 000 сомонӣ / 25,000 доллари ИМА |
| **Мӯҳлати камтарини қарз** | 1 моҳ |
| **Мӯҳлати зиёдтарини қарз** | 96 моҳ барои қарзҳо бо доллари ИМА 120 моҳ барои қарзҳо бо сомонӣ |
| **Кафолатдиҳанда** | Кафолатдиҳанда талаб карда мешавад. Бонк таҳлили пурраи молиявии кафолатдиҳандаро мегузаронад |
| **Гарав** | Гарави ибтидоӣ ҳуҷраҳои харидашуда ё хона ба ҳисоб меравад |
| **Давраи имтиёзӣ (танҳо ба маблағи асосӣ)** | 1 моҳ |
| **Арз** | Маҳсулот бо сомонӣ ва доллари ИМА пешниҳод карда мешавад |
| **Шумораи фоиз бо сомонӣ** | 33% (26% бо лоиҳаҳои музди меҳнатдор) Шумораи фоизи солона нишон дода шудааст |

| | |
|---|---|
| **Шумораи фоиз бо Доллари ИМА** | 25% (16% бо лоиҳаҳои музди меҳнатдор) Шумораи фоизи солона нишон дода шудааст |
| **Қарзҳои пештар пӯшонида-шуда** | Бо шарти ҳисоботи расмӣ, вале бе муҷозоти ҷарима иҷозат дода шудааст |

**<u>Чӣ тавр аризаро бояд пешниҳод намуд?</u>**

Мизоҷони хоҳишманд бояд ба филиалҳои наздиктарин ё марказҳои хизматрасонии бонкӣ машварат намоянд.
Мизоҷон бояд бо худ ҳуҷҷатҳои зеринро оранд

- Нусхаи шиносномаи амалкунанда
- Ду нусхаи суратҳои ранга (андозаи шиносномавӣ)
- Рақами мушаххаси андозсупоранда (РММ)
- Нусхаи шиносномаи қарзгир
- Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) бо – қарзгир

• Нусхаи шиносномаи техникии ҳуҷра/хона

• Сертификати  моликият ба молҳо

• Сертификат дар бораи сарчашмаи даромад аз корфармо

• Нусхаи шартномаи меҳнатӣ

• Нусхаи шиносномаи шахси кафолатдиҳанда

• Рақами мушаххаси андозсупорандаи (РМА) шахси кафолатдиҳанда

***Қарзҳо барои сохтмон/васеъ намудани манзил*** [99]

**Мақсад**

Қарзҳо барои сохтмон ва васеъ намудани манзил ба ҳар як мизоҷе, ки дорои даромади зарурӣ барои бозгардонидани қарз пешниҳод карда мешавад. Ин қарзҳо метавонанд барои сохтмон ё васеъ намудани манзил дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

---

[99] http://fmfb.com.tj/ru/Individuals/loans/housing-loans/home-construction-extension/

**Хислати маҳсулот**

| | |
|---|---|
| **Андозаи минималии қарз** | 100 сомонӣ / 20 доллари ИМА |
| **Андозаи баландтарини қарз** | 80 000 сомонӣ / 16,000 доллари ИМА |
| **Муҳлати камтарини қарз** | 1 моҳ |
| **Муҳлати зиёдтарини қарз** | 48 моҳ ба қарзҳо бо доллари ИМА<br>72 моҳ барои қарзҳо бо сомонӣ |
| **Кафолатдиҳанда** | Кафолатдиҳанда талаб карда мешавад. Бонк таҳлили пурраи молиявии кафолатдиҳандаро мегузаронад |
| **Гарав** | Гарав мумкин аст дар асоси маблағи қарз аз маблағи қарзӣ бо арзиши на камтар аз 130% аз маблағи қарзӣ талаб карда шавад |
| **Давраи имтиёзӣ (танҳо ба маблағи асосӣ)** | 1 моҳ |

| | |
|---|---|
| **Арз** | Маҳсуло бо сомонӣ ва бо доллари ИМА пешниҳод карда мешавад |
| **Шумораи фоиз бо со-монӣ** | 28%-35% Шумораи фоизи солона нишон дода шудааст |
| **Шумораи фоиз бо Доллари ИМА** | 18%-25% Шумораи фоизи со-лона нишон дода шуда-аст |
| **Қарзҳои пештар пӯшонида-шуда** | Бо шарти ҳисоботи расмӣ, вале бе муҷозоти ҷарима иҷозат дода шудааст |

**<u>Чӣ тавр аризаро бояд пешниҳод намуд?</u>**

Мизоҷони хоҳишманд бояд ба филиалҳои наздиктарин ё марказҳои хизматрасонии бонкӣ машварат намоянд.

Мизоҷон бояд бо худ ҳуҷҷатҳои зеринро оранд

• Нусхаи шиносномаи амалкунанда

• Ду нусхаи суратҳои ранга (андозаи шинос-номавӣ)

• Рақами мушаххаси андозсупоранда (РММ)

• Нусхаи шиносномаи қарзгир
• Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) бо – қарзгир
• Нусхаи шиносномаи техникии ҳуҷра/хона
• Сертификати моликият ба молҳо
• Сертификат дар бораи сарчашмаи даромад аз корфармо
• Нусхаи шартномаи меҳнатӣ
• Нусхаи шиносномаи шахси кафолатдиҳанда
• Рақами мушаххаси андозсупорандаи (РМА) шахси кафолатдиҳанда

***Қарзҳои ипотекӣ аз ҶПА "Бонки рушди Тоҷикистон"***[100]

Ҳуҷра барои қарзи ипотекӣ амалан варианти ягонаи имконпазир мебошад, ки хонаи шахсии худро ба даст оред. Дастрасӣ, имконияти воқеии хариди ҳуҷраи шахсӣ, кафолати боэътимод, шарти мақбули қарзи ипотекӣ, афзалиятнокӣ, ки ҳаммаи ин бартариятҳои ипотекӣ онро воситаҳои асосӣ дар ҳалли масъалаҳои манзилӣ менамояд.

---

[100] Сарчашма: http://www.brt.tj/individuals/loans/mortgage/

**Шартҳои асоси қарздиҳӣ:**

| | |
|---|---|
| Бонк мустақилона метавона ҳуҷраро интихоб намояд ё мизоҷ ҳудудҳои баҳодиҳии ҳуҷраро ёбад | |
| миқдори қарз | на бештар аз 100 000 доллари ИМА |
| миқдори фоиз | 25% - и солона |
| муҳлати қарз | то 5-сол |
| муҳлати дида баромадани ариза | то 7 – рӯз |
| пешпардохт | 40% аз нархи манзили харидамешуда, маблағ - пули накд |
| таъмини гарав | манзили харидамешуда |
| шартҳои ҳатмӣ | сугуртакунии воситаҳои гаравӣ |

**Шартҳои махсус:**

| | |
|---|---|
| синну сол: | ҳадди ақал - 20 сол; |
| | ҳадди аксар – 55 сол; |
| Мавҷудияти доимии даромади тасдиқгардида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; | |
| Мавҷуд набудани таърихи манфии қарзӣ; | |
| Кор дар шаҳри Душанбе ё минтақаҳо вобаста ба ҷойгиршавии филиалҳо; | |

| |
|---|
| Мавҷудияти даромади умумии оила барои баргардонидани қарз; |
| Мавҷудияти воситаҳои пулии шахсӣ, ки барои пешниҳоди пардохти ибтидоӣ ҳангоми хариди ҳуҷра ё хонаи истиқоматии инфиродӣ ба қарз заруранд; |
| Аъзои оилаи Шумо имкон доранд, ки дар харидории манзил ба қайд гирифта шаванд. |

**Ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани қарз:**

1. Ариза - анкета барои пешниҳоди қарзи ипотекӣ (пас аз мусоҳиба бо корманди Бонк ва қабули қарори пешакӣ пур карда мешавад);
2. Нусхаи шиносномаи аризадиҳанда;
3. Маълумот аз мизи сурогавии аризадиҳанда ва шахси кафолатдиҳанда;
4. Маълумот аз ҷои кор бо нишон додани музди меҳнат (ҳадди ақал дар 6 моҳ);
5. Нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ/ қарордоди меҳнатии (шартнома) аризадиҳанда ва шахси кафолатдиҳанда;
6. Маълумотнома аз диспансери касалиҳои рӯҳӣ дар бораи қобилияти

фаъолиятнокии аризадиҳанда ва шахси кафолатдиҳанда;

7. Нусхаи РМА – и аризадиҳанда ва шахси кафолатдиҳанда;
8. Шартномаи кафолатии расмикунонидашудаи нотариалӣ;
9. Полиси суғуртавӣ оид ба суғурта шудан аз ҳодисаҳои нохуши аризадиҳанда ва шахси кафолатдиҳанда;
10. Маълумотнома аз Сарраёсати архитектура ва шаҳрсозӣ (к. Н. Қаробоев 48);
11. Маълумотнома аз нозироти андоз дар бораи мавҷуд набудани қарздорӣ аз андоз ба воситаҳои ғайриманқули харидамешуда;
12. Маълумотнома аз МПТИ барои шартномаи хариду фурӯш/шартномаи кафолатӣ;
13. Маълумотнома аз нотариат дар бораи он ки, воситаҳои ғайриманқули харидашаванда фурӯхта нашудааст, дар баҳс нест ва манъ/ҳабс намебошанд;
14. Нусхаҳои шартномаи хариду фурӯши ҳуҷра, шиносномаи техникӣ, китоби ҳавлӣ;

15. Нусхаҳои асли пардохтҳо ба ҳамаи хизматрасониҳои коммуналӣ;
16. Суратҳои аризадиҳанда ва шахси кафолатдиҳанда (2х3).

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ метавонед ба телефонҳои:

(+ 992 44) 600 55 50, (+ 992 44) 600 99 99 мурочиат намоед.

**ҶСК «Тоҷиксодиротбонк»**[101] ба қарзҳои ипотекӣ диққати назаррас ҷудо намуда, дар бораи он гамхорӣ менамояд, ки қарзҳои ипотекӣ барои Шумо ташвишовар набошанд. Аввал Шумо ҳуҷра мегиред ва баъдан қарзи ипотекиро пардохт менамоед.

Шумо метавонед қарзи ипотекиро ба мухлати то 5 сол барои харидории ҳуҷра ё хонаи инфиродии истиқоматӣ дастрас кунед.

**Бартарияти қарзи ипотекии ҶСК «Тоҷиксодиротбонк»:**

1. Шумораи 25% - и солона;
2. Мавҷуд набудани маҳдудият ҳангоми интихоби ҳуҷраҳо;

[101] http://www.tsb.tj/ru/individuals/credits/mortgage.php

3. Шумо имконият пайдо мекунед, ки фавран дар манзили шахсии худ, ки ба он пардохти тадриҷӣ ба муҳлати 5 сол ба роҳ монда мешавад, маскун шавед;
4. Аъзои оилаи Шумо имконият пайдо мекунанд, ки дар манзили бадастовардашуда ба қайд гирифта шаванд.

**Шартҳои асосӣ барои гирифтани қарзи ипотекӣ:**

Кор дар шаҳри Душанбе ё минтақаҳое, ки дар онҳо филиалҳои Бонк ҷойгир шудаанд;

1. Мавҷуд будани даромади муштараки оила барои пардохти қарз;
2. Мавҷуд будани воситаҳои молиявии шахсӣ барои пардохти ҳаққи аъзогии ибтидоӣ ҳангоми хариди ҳуҷра ё хонаи истиқоматии инфиродӣ ба қарз – на кам аз 40% аз арзиши воситаҳои гайриманқули харидашуда зарур аст.

**Ҳуҷҷатгузории зарурӣ:**

1. Ариза - анкета барои пешниҳоди қарзи ипотекӣ (пас аз мусоҳиба бо корманди Бонк ва қабули қарори пешакӣ пур карда мешавад);
2. Нусхаи шиносномаи аризадиҳанда;

3. Маълумот аз мизи суроғавии аризадиҳанда ва шахси кафолатдиҳанда;
4. Маълумот аз ҷои кор бо нишон додани музди меҳнат (ҳадди ақал дар 6 моҳ);
5. Нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ/ қарордоди меҳнатии (шартнома) аризадиҳанда ва шахси кафолатдиҳанда;
6. Маълумотнома аз диспансери касалиҳои рӯҳӣ дар бораи қобилияти фаъолиятнокии аризадиҳанда ва шахси кафолатдиҳанда;
7. Нусхаи РМА – и аризадиҳанда ва шахси кафолатдиҳанда;
8. Шартномаи кафолатии расмикунонидашудаи нотариалӣ;
9. Полиси суғуртавӣ оид ба суғурта шудан аз ҳодисаҳои нохуши аризадиҳанда ва шахси кафолатдиҳанда;
10. Маълумотнома аз Сарраёсати архитектура ва шаҳрсозӣ (к. Н. Қаробоев 48);
11. Маълумотнома аз нозироти андоз дар бораи мавҷуд набудани қарздорӣ аз андоз ба воситаҳои ғайриманқули харидамешуда;

12. Маълумотнома аз МПТИ барои шартномаи хариду фурӯш/шартномаи кафолатӣ;
13. Маълумотнома аз нотариат дар бораи он ки, воситаҳои ғайриманқули харидашаванда фурӯхта нашудааст, дар баҳс нест ва манъ/ҳабс намебошанд;
14. Нусхаҳои шартномаи хариду фурӯши ҳуҷра, шиносномаи техникӣ, китоби ҳавлӣ;
15. Нусхаҳои асли пардохтҳо ба ҳамаи хизматрасониҳои коммуналӣ;
16. Суратҳои аризадиҳанда ва шахси кафолатдиҳанда (2x3).

**Бонки Спитамен**[102]

Қарзҳои ипотекӣ таҳти 15% - и солона дода мешавад. Муҳлати бар гардонидани қарз – аз 3 то 72 моҳ.

Ҳаққи узвияти якум – 30 % аз ҷамъи қарз.

[102] Сарчашма: http://www.spitamenbank.tj/wp-content/uploads/2015/02/%D1%84%D0%B8%D0%B7-%D1%80%D1%83%D1%811.png

Ҷамъи қарз – аз 1000 то 150 ҳазор доллари ИМА.

**<u>Қарзҳои ипотекӣ танҳо бо доллари ИМА дода мешавад.</u>**

Ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои ба расмият даровардани қарзи ипотекӣ:

1. Маълумотнома дар бораи музди меҳнат дар 6 моҳи охир.
2. Шиносномаи шахсе, ки қарзи ипотекиро ба расмият медарорад ва ва шиносномаҳои ҳамсарон.
3. РММ.

Ипотека таҳти ба гарав мондани манзили харидамешуда ё дигар воситаҳои гайриманқул, ки дар минтақаҳои ҷойгиршавии бонк мавҷуданд (масалан, агар ипотека дар шаҳри Душанбе ба расмият дароварда шавад, он вақт воситаҳои ба гарав мондамешуда ҳам бояд дар шаҳри Душанбе ҷойгир шуда бошанд), ба расмият дароварда мешавад.

Ба расмият даровардани қарзи ипотекӣ вобаста аз маблағи умумии пурсидамешуда аз 3 рӯз то як ҳафтаро дар бар мегирад.

***ЗАМИМАИ 5. Суроғаи қабулгоҳҳои ҳуқуқии ройгони ташкилотҳои ҷамъиятии «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният”:***

| № | Номи муассиса | Шаҳр /ноҳия | Суроға | Телефонҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Ташкилоти ҷамъиятии «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният” (ИҲИ) | ш. Душанбе | кӯчаи Рӯдакӣ 137, ошёнаи 6, утоқи 607 (нишонӣ -бинои «Тоҷикматлубот») | (+992 37) 224-41-53,<br>(+992 37) 224-41-45 |
| 2. | Филиали ИҲИ дар ш. Хуҷанд | ш. Худжанд | микрорайони 20, хонаи 35 (бинои «Дворца печати» - Кохи матбуот), ошёнаи 10, утоқи 10/ 32 | (+992 93) 900-99-36,<br>(+992 93) 93 900-36-30 |
| 3. | Филиали ИҲИ дар ш. Қӯрғонтеппа | ш. Қӯрғонтеппа | Кӯчаи Ваҳдат, 196 А, дар бинои «Билайн», ошёнаи 2. | +992 93) 901-90-21,<br>(+992 93) 901-90-22 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4. | Филиали ИҲИ дар ш. Хоруғ | г. Хороғ | Кӯчаи Ленин (бинои собиқ муассисаи кооперативии «Гарант») | (+992 93) 830-66-54, |

**Ҳамаи муроҷиатҳо хислати махфиятӣ доранд. Ҳамаи машваратҳо ройгон мебошанд.**

***ЗАМИМАИ 6. Суроғаҳои хадамоти шуғли аҳолӣ (шуъбаҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ) дар маҳалҳо:***

| № | Номи муассиса | Шаҳр /ноҳия | Суроға | Телефонҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе | кӯчаи Алишери Навоӣ, 5/12 | (+992 37) 235-15-25, (+992 37) 236-50-12 |
| 2. | Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли | ш.Ваҳдат | кӯчаи Ҳайрат (дар канори бозори «ХАЙР»). | (+992 83136) 2-64-66 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | аҳолӣ дар ш. Ваҳдат. | | | |
| **3.** | Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд | Вилояти Суғд, ш. Хуҷанд | микрорайони 28, хонаи 2 | (+992 83422) 6-68-05,<br>(+992 83422) 5-65-69 |
| **4.** | Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ш. Хуҷанд | ш. Хуҷанд | кӯчаи Калиников, 83. | (+992 83422) 6-58-87 |
| **5.** | Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Б. Ғафуров | ноҳияи Б. Ғафуров | шаҳраки Б. Ғафуров, кӯчаи И. Сомонӣ 62. | (83442) 3-14-60 |
| **6.** | Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Деваштич | ноҳияи Деваштич | Шаҳраки навъи шаҳрии Ғончӣ, кӯчаи И. Сомонӣ 23. | (83464) 2-54-07 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **7.** | Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ш. Панҷакент. | ш. Панҷакент | кӯчаи Даврон Бобораҷабов 40 “А”. | (83475) 5-29-29 |
| **8.** | Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон | вилояти Хатлон, ш. Қӯрғонтеппа | кӯчаи Файзалӣ Саидов, 3 | (+992 83222) 2-46-20 |
| **9.** | Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ш. Қӯрғонтеппа | ш. Қӯрғон-теппа | хиёбони Ваҳдат, 20 | (+992 83222) 2-37-46<br>(+992 93) 511-55-77 |
| **10** | Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлон | ноҳияи Восеъ | кӯчаи Мирзо Бобоев, 18. | (83311) 2-29-28 |
| **11.** | Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи | ноҳияи Ҷайҳун | кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 10. | (83249) 4-30-17 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Ҷайҳуни вилояти Хатлон | | | |
| **12.** | Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ВМКБ. | ш. Хоруг | кӯчаи Н.Атобек 11. | (+992 83522) 2-65-15 |

# МАВОДҲОИ ИСТИФОДА-ШУДА:


1. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон
2. Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ»
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон
4. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон
5. Кодекси мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон
6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои сугуртавӣ ва давлатӣ»
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон»
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ»
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқи ва соҳибкорони инфиродӣ»
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека»
14. Тартиб ва ҳаҷми пешниҳоди хизматрасонии ройгони иҷтимоӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2012., №724 тасдиқ шудааст
15. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №232 «Дар бораи тасдиқи Тартиби таъин ва пардохти кӯмакпулиҳои давлатӣ ба кӯдакони синну солашон то 16 – солаи сироятёфтаи вируси масунияти одам ё аломоти бемории пайдошудаи норасоии масуният» (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.06 соли 2013, № 262, 04.10 соли 2013, № 459)
16. Тартиби муоинаи тиббӣ бо мақсади муайян намудани сироятёбӣ аз вируси масунияти одам, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2008, №171 тасдиқ шудааст (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08 соли 2014, №528)
17. Қоидаҳо оид ба экспертизаи тиббӣ – иҷтимоӣ (Замима ба фармоиши якҷояи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии

аҳолӣ аз 2 майи соли 2012, №73 ва Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2012, №189)

18. Барномаи кафолати давлатӣ оид ба таъминоти аҳолӣ бо кӯмаки тиббӣ – санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2016. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2014, №20 тасдиқ шудааст
19. Қоидаҳои таъминоти маъюбон бо воситаҳои техникии барқарорсозӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011, №604 (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.07. соли 2015., № 448) ба тасвиб расидааст

20. Қоидаҳои пешниҳоди хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба бекорон ва муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ карданро доранд, аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №62 ба тасвиб расидааст (дар таҳрири қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06 соли

2007., №366, аз 1.08 соли 2008., №386, аз 2.12 соли 2008., №613, аз 27.02 соли 2009., №136, аз 1.04 соли 2011., №184, аз 01.03 соли 2012., №111, аз 05.11 соли 2014., №707)

21. Қоидаҳо дар бораи Муассисаи давлатии «Фонди давлатии дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон». Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 феврали соли 2015, №62 тасдиқ шудааст
22. Қоидаҳои ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2016 – 2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2015, №645 тасдиқ шудааст
23. Ипотека дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саволҳо ва ҷавобҳо, Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC), бо кӯмаки молиявии Ҳукумати Нидерландия, соли 2009
24. Рӯнамоии «Азнавиҷтимоишавӣ ҳамчун раванди асосии иҷтимоӣ –равонии давраи ислоҳӣ», соли 2017., Матскевич Ирина, эксперти миллӣ.

Истинодҳо ба захираҳои Интернетии:

25. http://www.president.tj/ru/node/12042
26. https://news.tj/ru/news/tajikistan/economic/20170704/80-predprinimatelnits-tadzhikistana-poluchat-prezidentskie-granti
27. http://www.fergananews.com/articles/9431